Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Лоиҳаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID)
«Биё, ҳамроҳ омӯзем»

# РОҲНАМО

## барои методист-омӯзгори муассисаи таълимӣ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Лоиҳаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID)
«Биё, ҳамроҳ омӯзем»

# РОҲНАМО

## барои методист-омӯзгори муассисаи таълимӣ

Душанбе — 2023

Бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.09.2023 таҳти № 06 ба нашр тавсия дода шудааст.

**Мураттибон:**
*Ҷаъфарӣ А., Худойдодова Ш., Расулова М., Самадова З.*

**Муҳаррир:**
*Худойдодова Ш.*

**Муқарризон:**
*Назаров Ҳ., Бобоева Г., Абдуллоева Ш.*

Роҳнамо барои методист-омӯзгори муассисаи таълимӣ оид ба ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёни ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ. Душанбе — «Контраст», 2023. 48 саҳ.

---

Мазмуну муҳтавои маводи мазкур ба ташаккул ва тақвияти салоҳиятҳои методист-омӯзгори муассисаи таълимӣ оид ба дурусту мақсаднок ташкил намудани фаъолияти донишҷӯён дар ҷараёни баргузории таҷрибаомӯзии таълимию педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ бахшида шуда, ҳамзамон ба такмили таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ» ва истифодаи дурусти донишҳои педагогӣ аз ҷониби онҳо равона шудааст, ки асоси ташаккули малакаю маҳорати касбии онҳоро ташкил медиҳад. Баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти методист-омӯзгори муассисаи таълимӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мутахассисон ва роҳбарии ӯ ба фаъолияти донишҷӯён-таҷрибаомӯзон мусоидат ба он менамоянд, ки раванди таҷрибаомӯзӣ сифатан беҳтар ба роҳ монда шаванд.

---

## Пешгуфтор

Чу касби илм кардӣ дар амал кӯш,
Ки илми беамал борест бар дӯш.
**Хусрав Деҳлавӣ**

Таҷрибаомӯзии педагогӣ як марҳилаи омода кардани таҷрибаомӯзон омӯзгорони оянда мебошад. Таҷрибаомӯзии педагогии марҳилаи хеле муҳими омодасозии муаллимони оянда мебошад, зеро маҳз дар он донишҷӯён маҳорат ва малакаи ояндаи фаъолияти касбии худро ба даст меоранд.

Мақсади асосии таҷрибаомӯзӣ — омодагӣ ба иҷрои вазифаҳои омӯзгорӣ фаннӣ ва роҳбари синф дар таълиму тарбия бо хонандагон аст. Ҳадафи асосии он ин аст, ки донишҳои назариявӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар амалия татбиқ карда мешаванд.Таҷрибаомӯзии педагогӣ бо қарори муассисаи таълимӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, дар истироҳатгоҳҳои тобистонаи мактаббачагон гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ заминаи онро фаро меорад, ки донишҷӯён бо иштироки фаъолонаи худ дар корҳои таълимию тарбиявӣ бо хонандагони мактаб иштирок дошта бошанд, бори нахуст аз сирру асрори касби омӯзгорӣ огоҳ шаванд, таҷрибаи омӯзгорони пешқадамро омӯзанд, дар амал татбиқ намудани усулу методҳои фаъол ва технологияи муосири таълимро ёд гиранд ва бо иҷрои чорабиниҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар пешбурди фаъолияти муассисаҳои таълимӣ саҳми худро гузоранд.

Бо ин мақсад тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2021, № 1568 гурӯҳи корӣ маводи таълимию методӣ барои ихтисоси «Таҳсилоти ибтидоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, маҷмуи маводи таълимию методӣ барои таҷрибаомӯзии донишҷӯён, силлабус ва маводи таълимию методии фанҳои таълимии методикаи таълими забони тоҷикӣ, методикаи таълими математика ва педагогикаро таҳия намуд.

Дар заминаи ин фармоиш, маҷмуи маводи таълимию методӣ ба монанди дастур оид ба ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзӣ барои кафедраҳо, роҳнамо барои методист аз рӯйи ихтисос, роҳнамо барои методисти фанни педагогика, роҳнамо барои методисти фанни психология, роҳнамо барои методисти муассисаи таълимии базавӣ, рӯзномаи донишҷӯ барои таҷрибаомӯзӣ, таҳия карда шуд.

Озмоиши маҷмуи маводи таълимию методии мазкур тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.02.2023, № 150 дар

нимсолаи дуюми соли таҳсили 2022–2023 дар 7 муассисаи таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ дар ду марҳила гузаронида шуд.

Дар натиҷаи мониторинг ва бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои омӯзгорону донишҷӯён ва хулосаи мутахассисони соҳа гурӯҳи корӣ оид ба такмили мавод ба нусхаи ниҳоии маводи таълимию методии мавриди назар тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид намуд.

Таҷрибаомӯзии педагогии таҷрибаомӯзон аз тарафи деканати факултаҳо ва якҷоя бо кафедраи педагогика ва психология ва дар асоси фармони роҳбарияти муассисаҳо тасдиқ карда мешаванд. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзии омӯзгориро роҳбар ва омӯзгорон-методистон ба сомон мерасонанд.

Дар муассисаҳои таълимӣ яке аз методистоне, ки нақши асосиро дар таҷрибаомӯзии донишҷӯён иҷро менамояд, ин омӯзгор-методисти муассисаи таълимӣ мебошад. Аз рӯзҳои аввали таҷрибаомӯзӣ омӯзгор-методисти муассисаи таълимӣ ҳамчун омӯзгор ва роҳбари синфҳои ибтидоӣ донишҷӯён-таҷрибаомӯзонро бо нозукиҳои касбӣ педагогӣ дар амалия шинос менамояд.

Маводи мазкур барои гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ оид ба вазифа ва талаботҳои асосии методистони муассисаҳои таълимӣ дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ равона гардидааст. Инчунин намунаҳои нақшаи инфиродӣ ва рӯзномаи донишҷӯён, нақшаи тақвимӣ, нақшаи яксоатаи дарсӣ, корҳои беруназсинфии тарбиявии донишҷӯён ҳангоми таҷрибаомӯзии педагогӣ, таҳлили дарс васеъ ва аз ҷиҳати илмӣ пурра оварда шудааст.

# 1. Таҷрибаи педагогӣ дар низоми омодагии омӯзгор

## 1.1. Моҳият ва вазифаҳои таҷрибаи педагогӣ

Таҷрибаомӯзии педагогӣ яке аз марҳилаҳои асосии омодашавии донишҷӯ ба касби ояндаи хеш аст. Донишҷӯ зимни андӯхтани донишҳои назариявӣ аз фанҳои педагогӣ ва ихтисос онро амалан дар муассисаи таълимӣ меозмояд.

Таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ҳамчун зинаи асосии низоми маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ хусусияти таълимиву тарбиявӣ дорад. Он омодагии назариявии донишҷӯро ташаккул дода, барои истифодаи ин донишҳо дар ҳалли вазифаҳои амалӣ имконияти мувофиқ фароҳам меорад. Такомулу рушди маҳорат ва малакаҳои касбӣ ҳам дар ҳамин давра ҷараён мегирад.

Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бояд маҳорат ва малакаҳои зеринро аз худ намоянд:

- омӯзиши шахсияти бачагон ва коллективи хонандагон;
- муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таълимию тарбиявӣ;
- банақшагирии фаъолияти педагогӣ;
- истифодабарии шакл, роҳ, восита ва усулҳои идоракунии фаъолияти донишандӯзии хонандагон;
- ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ ва роҳбарӣ ба худтарбиякунии хонандагон;
- таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ;
- ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои тадқиқотӣ;
- гузаронидани чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва ҷамъиятию педагогӣ дар байни аҳолӣ ва падару модарон.

## 1.2. Ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо хонандагон дар таҷрибаи педагогӣ

Дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ донишҷуён бо фаъолияти амалӣ, таҷрибаи анъанаҳои муассисаҳо шинос мешаванд, бо омӯзиши шахсият ва коллективҳои гуногуни хонандагон машғул мешаванд, фаъолияти амалии худро ба нақша мегиранд аз равияҳо ва мундариҷаи муайян кардашуда корҳои тарбиявӣ, ташкилию оммавӣ мегузаронанд. Равияҳои корҳои тарбиявӣ гуногунанд:

- Корҳои оммавию сиёсӣ;
- Тарбияи меҳнатӣ, иқтисодӣ ва интихоби касб;
- Муҳофизати табиат ва табиатшиносони ҷавон;
- Тарбияи эстетикӣ, ҷисмонӣ ва интеллектуалӣ.

## 1.3. Муносибатҳои кӯдакон ва малакаҳои иҷтимоӣ

Малакаҳои хуби иҷтимоӣ ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки дар раванди таҳсил иштирок карда, проблемаҳоеро, ки мактаб дар назди онҳо мегузорад, ҳал намоянд. Агар хурдсолон бо ҳамсолону муаллимони худ муоширату муносибати хубро ба роҳ монда натавонанд, ин қобилияти донишомӯзӣ ва иштироки онҳоро дар барномаи мактабӣ суст мекунад. Малакаҳои риоя намудани навбат, бо ҳам дидани чизе бо дигарон, қобилияти пайдо кардани дӯстӣ ва дараҷаи мустақилият малакаҳое ба шумор мераванд, ки онҳоро мунтазам инкишоф додан зарур аст. Барои талабагони хурдсол рушд додани боварӣ ба худ бағоят зарур аст, то ки онҳо тавонанд вазъиятҳои душвори гуногунро паси сар намуда, дар муҳити мактаб бомуваффақият инкишоф ёбанд.

Малакаҳои иҷтимоӣ барои дастгирии кӯдакон:

- муносибати мусбат бо ҳамсолони дигар ва дӯстҳо пайдо кардан;
- иштирок намудан дар бозиҳо;
- ҳиссиёти худро изҳор намудан ва дар вазъиятҳои зиддиятнок ба таври муносиб амал кардан;
- таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба дигарон ва ташаккул додани муносибатҳои дӯстона;
- ба тарзи муносиб изҳор намудани талаботу хоҳиши худ;
- риоя кардани навбат дар бозиҳо ва чорабиниҳо;
- бо ҳам дидани бозичаҳо ва таҷҳизот;
- амал кардан аз рӯи баъзе дастурҳо ва фаҳмидани баъзе қоидаҳо;
- иштирок намудан дар гурӯҳҳо.

Малакаҳои фикрӣ барои дастгирии кӯдакон:

- зоҳир намудани кунҷковии табиӣ ва шавқу ҳавас ба омӯхтани чизҳои нав;
- дар омӯзиш боварӣ доштан ба худ; инчунин зоҳир намудани майлу рағбат ба ҳалли вазифаҳо.

Малакаҳои забонӣ барои дастгирии кӯдакон:

- истифода бурдани забон барои савол додан ва изҳор намудани фикру ғояҳои худ;
- гӯш додан ба дигарон; инчунин дӯст доштани китоб ва гӯш кардан, вақте ки барои кӯдакон китоб мехонанд.

Мустақилият ва малакаҳои ҳаётӣ барои дастгирии кӯдакон:

- баромадан аз ҳар гуна вазъиятҳо таҳти назорати на чандон зиёди шахси калонсол;
- мустақилона ба ҳоҷатхона рафтан ва либос пӯшидан;
- истифода бурдан аз таъомдон (ланчбокс) ва шишаи об (обдон);

- рафтори мустақилона дар муҳити муқаррарӣ.

Малакаҳои ҷисмонӣ барои дастгирии кӯдакон:

- истифода бурдани қалам ва бӯрчаҳои ранга, фломастерҳо ва қайчӣ; инчунин нигоҳ доштани мувозинат, давидан, ҷаҳидан, истифода бурдани тӯб ва ҳар гуна лавозимот барои хазида баромадан.

Намудҳои фоиданоки фаъолияти омодасозӣ ба мактаб инҳоро дар бар мегиранд:

- ҳавасманд намудани кӯдакон ба иштирок дар бозию таҷрибаҳо;
- дастгирӣ намудани ҳамкории кӯдакон бо ҳамсолонашон ва ташаккул додани муносибатҳои дӯстона дар ҳолати бозии озодона;
- мунтазам гузарондани рӯзҳои «таъомдон», то ки кӯдакон кушодану хӯрдани таъомро машқ кунанд;
- бо кӯдакон гузарондани суҳбатҳо дар бораи оғози айёми мактабӣ;
- муҳокимаи рафтан ба мактаб ё чорабиниҳои омӯзишии дигар бо иштироки кӯдакон то ва баъди гузарондани онҳо;
- ташкили саёҳат ба мактаби маҳаллӣ, то ки кӯдакон ба ин муҳит одат кунанд;
- даъват намудани мутахассисон, то ки онҳо бо оилаҳо дар бораи тайёрӣ ва гузариш ба мактаб суҳбат кунанд;
- ҳавасманд намудани кӯдакон ба мустақилият дар масъалаи худхизматрасонӣ;
- ёрӣ расондан ба кӯдакон дар истифодаи мустақилонаи қалам, фломастер, қайчӣ ва ширеш; инчунин мунтазам якҷоя китоб хондан бо кӯдакон.

Таҷрибаи самарабахши гузариш ба мактаб:

- Ба кӯдакон мефаҳмонад, ки мактаб ҷои бехавфу гуворост.
- Эътироф мекунад, ки кӯдакон талабот, шавқу ҳавас ва малакаҳои инфиродӣ доранд.
- Кӯдакон, оилаҳо, муассисаҳои кӯдакона, мактабҳо ва дигаронро ба фаъолият ҷалб мекунад.
- Дар байни кӯдакон, оилаҳо ва омӯзгорони мактабҳо робита барпо менамояд.
- Ба кӯдакон имконият медиҳад, ки пеш аз оғози машғулиятҳо дар муҳити мактаб бештар вақт гузаронанд.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои донишҷӯ дар давраи таҷрибаи омӯзгорӣ ин мушоҳидабарӣ ва омӯхтани ҳаёти бачагон, кори омӯзгорон, роҳбарони синф ва ҳамкории онҳо дар раванди педагогӣ мебошад. Мушоҳидаҳо бояд мақсаднок ва касбӣ бошанд, яъне пеш аз шурӯъ кардан ба мушоҳида (дарс, соати тарбиявӣ, экскурсия) дар назди худ мақсад ва вазифаҳои мушоҳидаро ба таври мушаххас муайян карда тавонад. Ин мушоҳидаҳо дар назди шумо олами дигарро мекушоянд, ки бо воситаи онҳо чуқуртар ба моҳияти ҳодисоти педагогӣ сарфаҳм мерафтагӣ шавад.

Дар ин роҳ <u>рӯзномаи мушоҳидаҳои педагогӣ</u> кӯмаки калон мерасонад. Кӯшиш кардан лозим, ки рӯзнома ба таври васеъ ва ҳаматарафа пур карда шавад, дар он ҳамаи воқеаҳои ҳаёти синф, мактаб, таассурот ва фикру мулоҳизоти шахсӣ инъикос ёбад, он бояд аз вохӯрӣ бо коллективи мактаб, роҳбарият сар карда, то иштирок ба дарсҳои омӯзгорон, таҳлили дарсҳо, гузаронидани дарсҳои худ, ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ, таҳлили он ва ҷамъбасти таҷрибаи омӯзгориро дарбар гирад.

## 1.4. Омӯхтани шахсияти хонандагон ба мақсади дуруст ташкил намудани раванди таълиму тарбия

Давраи ба таҳсил фаро гирифтани хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ марҳалаи асосии рушду нумӯи инсон ҳамчун шахсият ба ҳисоб меравад. Аммо ин давра ҳамчунин бо фаъолию мавқеъхоҳӣ ва дигар зуҳуроти равонию педагогӣ низ тавсиф дода мешавад, ки дар ҳолати аз назорат дур мондан, зери таъсири муайян будан ё омилҳои дигари манфӣ метавонанд дар ташаккули шахсияти хонандагон тамоюлҳоро ба вуҷуд оваранд. Омӯзиши психологияи ташаккули шахсияти хонанда имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инкишофи шасият дар ин давра ошкор карда шуда, ба он таъсири мақсаднок расонида шавад.

Ташаккули хонандагон ҳамчун шахсият дар таъсири байниҳамдигарии табиат, муҳити иҷтимоӣ ва худи хонандагон ҷараён мегирад, ки ин ба тағйирёбии хусусиятҳои хоси ӯ мусоидат менамояд. Маҳз дар ҷараёни фаъолият шаклҳои нави муносибат ба зуҳур омада, хонанда ҳамчун шахсият ташаккул меёбад.

Ҳангоми таълиму тарбия хусусиятҳои психологии кӯдаконро надониста, дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ ноили комёбиҳо шудан ғайриимкон аст. Донишманди бузург Абӯалӣ ибни Сино пиромуни омӯзиши шогирдон навишта буд: *«Омӯзгору мураббии толибилм хирадманду ба роҳи таҳзиби ахлоқ ва парвариши табиати бача ошно ва бино буда, бовиқору сангин, бомурувvату покдоман ва назиф бошад ва роҳи муоширатро бидонад».*

Қайд бояд намуд, ки кӯдакон ҳар кадом дорои мизоҷи ба худ хосе мебошанд ва аз омӯзгорон муносибати муайянеро талаб мекунанд: яке зиндадилу серҳаракат, дигаре маъюсу ғамгин, яке чусту чолок, дигаре коҳилу танфарох, яке ҳалиму гапдаро, дигаре тундмизоҷу гарданшах ва ғ. Дар ибтидо омӯхтани хислатҳои коллективи синф ин як кашфиёти муҳимест барои роҳбари синф ва бо ҳар кадом муомила карда тавонистан эҷодкории ӯст. Омӯхтани хислатҳои психологии шогирдон тибқи методҳои гуногун муяссар мегардад. Дар ин ҷода ба роҳбари синф *методи мушоҳидаи ҳамарӯза* маълумотҳои зиёд дода метавонад. Таҳти ин равиши таҳқиқ фаъолияту қобилияти таълимӣ ва рафтору муносибатҳои кӯдакон аснои таълим ва

машғулиятҳои тарбиявӣ баръало намоён мегардад. Зимни ин метод диққат, ҳофиза, тафаккур, ба машғулияту иҷрои супоришҳо чӣ гуна муносибат доштани ҳар як хонанда ошкор карда мешавад.

*Методи сӯҳбат (фардӣ ва гурӯҳӣ)* ҳам дар муайян кардани хусусиятҳои хоси кӯдакон аҳамияти муайян дорад. Роҳбари синф зимни сӯҳбат бо хонандагон, падару модарон асрорҳои ба вай ниҳонро, аз ҷумлаи сустии органи биноӣ, шунавоӣ, аломатҳои ҳофиза, тафаккуру тасаввурашонро фаҳмида мегирад ва чораҳои лозима меандешад. Кӯдаконе, ки навоқиси забонӣ (лакнатзабон), ақлан ақибмонда ва нуқсҳои дигаре доранд, муайян карда, ба ташхису маслиҳатҳои мутахассисони муассисаҳои дахлдор мефиристад. Дар чунин сӯҳбатҳои самимӣ шароити зиндагӣ, вазъи ҳаёти оилавӣ, ба чӣ шавқманд будани кӯдакон низ ифшо карда мешавад.

Хислат, қобилият ва истеъдоди фардӣ доштани дастпарваронро тавассути методи натиҷаҳои фаъолияти амалиашон низ донистан мумкин аст. Ба ин ташкили намоишҳои маҳсули санъати тасвирӣ ва меҳнати дастӣ, корҳои хаттӣ, иҷрои супоришҳои хонагӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Барои аниқ донистану омӯхтани кӯдакон ба хонадонҳо ташриф овардани роҳбари синф воситаи беҳтарини бо шароити зиндагӣ ва тарзи тарбиякунии оилаҳо аз наздик шиносшавӣ мебошад. Ин иқдоми нек ба омӯзгор имкон медиҳад, ки нисбати шогирдонаш маълумотҳои иловагӣ, аз қабили ба корҳои хона дастёрӣ кардан ва ё накардан, фиребгарӣ ё поквиҷдонӣ, ростқавлӣ ё дуруғгӯӣ, хушодобӣ ё дағалона рафторкуниашонро муайян кунад.

Омӯхтани шогирдон раванди доимӣ буда, омӯзгор нафақат ба хислатҳои мусбату манфии рафтор ва донишҳазмкунии хонандагон, ҳамчунин бо дигаргуниҳои инкишофи онҳо ҳам эътибори ҷиддӣ медиҳад. Баъди амиқ омӯхтани дастпарварон ба ислоҳи нуқсонҳои ҷойдошта андешакорона мекӯшад. Барои бартарафкунии ақибмонии толибилмон роҳбари синф чораҳои мушаххас меандешад ва воситаҳои таъсирбахшро ба харҷ медиҳад, то ки пай дар пай натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад албатта, барои бартараф кардани камбудиҳои таълимӣ ва тарбиявии хонандагон дастгирӣ ва ҳамкории оилаҳо ва ҷомеа лозим аст, он гоҳ ҳар гуна кӯдакро, ҳатто душвортарбияро ҳам ба роҳи дуруст майл додан мумкин аст.

Вазифаи муҳимтарини омӯзгори синфи ибтидоӣ ташкилу роҳбарӣ ба раванди таълиму тарбия, таълими инкишоф ва ташаккулёбии хонандагон аст. Онҳо бояд ҳар корро пешакӣ фикр карда бароянд, натиҷаашро донанд ва аз рӯи нақша пеш баранду таҳлил кунанд, хулосаҳо бароранд.

Муваффақиятнокии фаъолияти омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бештар ба ҳаматарафа аз худ кардани олами ботинии хонанда, донистани ҳолати руҳӣ ва сабабҳои рафтори он вобаста аст.

Педагоги машҳури рус К.Д.Ушинский талаб мекард, ки ҳар як педагог хусусиятҳои физикӣ ва руҳии табиати одамро нағз донад. Вай дар сарсухани

асари калони худ «Одам ҳамчун предмети тарбия» навишта буд: *«Агар педагогика одамро аз ҳар ҷиҳат тарбия карданӣ бошад, пеш аз ҳама, вай онро низ аз ҳар ҷиҳат دониста гирад»*.

К.Д.Ушинский гуфтааст: *«Педагог бояд барои фаҳмидани ҳодисаҳои рӯҳӣ бисёр омӯзад ва пеш аз он ки ба кори амалӣ гузорад, вай дар бораи мақсад ва воситаҳои санъати тарбия бештар фикр намояд»*. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки омӯзгор кори таълиму тарбияро ҳамон вақт дуруст ба роҳ монда метавонад, ки агар вай психологияи ҳар як бачаро хуб омӯзаду дониши назариявию амалиашро такмил диҳад ва мунтазам баланд бардорад.

Ҳамчунин зарур аст, ки хусусиятҳои синнусолӣ ва имконоти донишандӯзии хонандагон ба ҳисоб гирифта шавад, дар он сурат самаранокии чорабиниҳои тарбиявӣ меафзояд.

Аз ин ҷиҳат ба омӯзгор зарур аст, ки психологияи хонандагони синфашро хуб донад ва тафовутҳои фардии ҳар як хонанда ва хислатҳои фарққунандаи ӯро хуб дарк кунад. Бинобар ин ҳар чӣ қадар омӯзгор хусусиятҳои психологӣ ва тафовутҳои фардии хонандагонро ошкор намояд, дар он сурат ӯ ҳамон қадар кори таълиму тарбияро мувофиқи мақсад ба роҳ мемонад ва инчунин чорабиниҳои таъсиррасонии тарбияро дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ-психологии тарбиягирандагон ба роҳ мемонад.

Инкишофи насли наврас на танҳо ба синну сол алоқамананд, онҳо дар ҷараёни ба ҳамдигар таъсири фаъолона расонидан бо муҳити атроф ташаккул меёбанд. Бинобар он педагогика ва психология ҳаракатнокӣ, тағйирёбандагии хусусиятҳои синнусолии бачагон, вобастагии онҳо ба фаъолиятҳо ва муносибати байниҳамдигарии тарбиягиранда бо одамони гирду атрофро қайд мекунанд. Хусусиятҳои синнусолӣ бо хусусиятҳои фардӣ, яъне хусусиятҳои муҳиму устувори тамоили шахсият, бо хислат, мароқ, фаъолияти фикрӣ, ки ба ин ё он шахс хос буда, ӯро аз дигарон фарқ мекунонад, алоқаи зич дорад.

Ҳамин тариқ, ба ҳисоб гирифтани хусусиятхои синну сол яке аз принсипҳои умдаи педагогӣ ба шумор меравад. Ба он такя намуда, омӯзгорон тамоми фаъолияти худро созгорона ба роҳ мемонанд

## 1.5. Хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Бояд гуфт, ки синни хурди мактабӣ яке аз зинаҳои муҳими донишҳосилкунӣ ва тарбия ба шумор меравад. Чунки ибтидои ёддиҳӣ, омӯзиш ва таълим бачаҳоро соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ гардонида, маҳз дар ҳамин синну сол ба амал бароварда мешавад. Равоншинос Н. С. Лейтес дар ин хусус навиштааст: *«Синни хурди мактабӣ зинаи азбаркунӣ ва васеъ намудани сатҳи дониш ва зинаи суръати тези омӯзиш мебошад. Барои иҷрои бомуваффақияти ин вазифаи муҳим хусусиятҳои*

*хоси бачагон мусоидат мекунанд; ба таъсиру обрӯи калонсолон боварии зиёд доштан, хушзеҳнӣ ва қобилияти баланди дарккунӣ, диққатнокӣ ва майлу ҳаваси беандоза ба бозӣ ва ғайра».*

Бо мактабхоншавии бача сохти зиндагӣ ва тартиби фаъолияти бошууронаи ӯ тағйир меёбад. Акнун ба ӯ зарур аст, ки ба қоидаҳои речаи рӯз риоя намояд ва нисбат ба атрофиён ва муаллимони дарсдиҳанда ба таври дигар муносибат кунад. Мактаббачагони хурдсол бечунучаро супориши муаллимро ичро мекунанд. Онҳо бисёр гапдаро ва боинтизом буда, дар асоси нишондоди муаллим амал мекунанд. Аз ин ҷиҳат дар рафти бароҳмонии кори таълиму тарбия хусусиятҳои зудбоварӣ, гапдарой ва интизомнокии бачагонро ба ҳисоб гирифтан лозим аст. Дар ин синнусол бачагон ба хондан шавқу ҳаваси том ва хоҳиши зиёд доранд. Онҳо мехоҳанд, ки ҳар чӣ тезтар соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ шаванд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ бисёр серҳаракат ва беқарор буда, бо тезӣ машғули фаъолият мешаванд ва дар лаҳзаҳои дарс беихтиёр ё ба таври ихтиёрӣ дасти ростро боло мебардоранд ва аз муаллим боисрор талаб мекунанд, ки вазифаи хонагиро аз ӯ пурсад. Яке аз манбаҳои дар ҷараёни таълим соҳиби муваффақиятҳо шудани мактаббачагони хурдсол ба пайравӣ кардани онҳо вобаста мебошад. Хонандагон бо хоҳиши муаллим мафҳумҳоро такрор мекунанд, матнҳоро ифоданок мехонанд, мисолҳо меоранд ва масъала ҳал мекунанд. Хонандагон на танҳо ба тарзи баён, муҳокимаронӣ ва сару либоси муаллим, балки ба тарзи хушхатнависии ӯ низ пайравӣ мекунанд. Тавассути пайравӣ кардан бачагон соҳиби дониш, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ мегарданд.

Вале бояд гуфт, ки ба хонандагони ин синнусол қобилияти ҳал карда тавонистани масъалаҳои мураккаб ва душвор хос нест. Ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо савол муроҷиат намудем, ки «Шумо оянда кӣ шудан мехоҳед?», онҳо ҷавоб доданд, ки «Ман табиб мешавам», «Ман муаллим мешавам», «Ман — муҳандис», «Ман — ронанда» ва ғайра. Як қисми хонандагон ихтисосҳоеро номбар карданд, ки дар бораи он касбҳо дониш ва тасаввуроти муайян надоранд.

Дар ин синну сол хислатҳои бачагон шакл мегирад. Хислати онҳо бо хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунанд. Пеш аз ҳама хонандагон вазъияти ба амал омадаро ба ҳисоб нагирифта дар рафтору кирдори худ, ҳаракатҳои беихтиёр содир мекунанд. Сабаби содир кардани амалҳои беихтиёрӣ ба суст будани идоракунии амалҳои иродавӣ ва талаботи фаъолона амал кардани ӯ мебошад. Иродаи хонандагони хурдсол ҳоло ташаккул наёфтааст. Аз ин ҷиҳат бачагони 7–8-сола муддати дер барои ба мақсад расидан ва душвориҳоро бартараф кардан саъю кӯшиш намекунанд. Хислати онҳо нав шакл гирифта истодааст ва дар онҳо хислатҳои инҷиқӣ, саркашӣ мушоҳида карда мешавад.

Хислатҳои эркагӣ ва гапнодароӣ ба нодуруст бароҳмонии тарбияи оилавии хонанда вобаста мебошад. Зеро бача ба он одат кардааст, ки дар оила тамоми хоҳишу талаботи ӯро калонсолон бечунучаро иҷро мекунанд. Ҳатто, баъзан мавридҳо нозунуз ва саркашии хонанда ифодаи ҳисси норозигии ӯро мефаҳмонад.

Ба ғайр аз ин, ба ханандагони ин синну сол хусусиятҳои меҳрубонӣ, шавқу ҳаваси донишомӯзӣ ва зудбоварӣ хос аст. Ҳамчунин бо мактаббачагони хурдсол бисёр бодиққатӣ, хушмуомилагӣ зоҳир карда, ба ҳар як муваффақияти ӯ баҳои сазовор додан зарур аст. Нисбат ба хонанда серталаб будан ва дар баробари ин шахсияти ӯро ҳурмат кардан зарур аст. Аз ин ҷиҳат, муваффақияти кори таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоиро бе баҳисобгирии инкишофи ҷисмонӣ, анатомӣ-физиологӣ, психологии онҳо дуруст ба роҳ мондан мумкин нест.

Чуноне ки аз таҳқиқотҳои Н. Д. Левитов маълум мешавад, омӯхтани малакаҳои кори таълимӣ дар синни хурди мактабӣ нисбат ба дигар давраҳои синнусолӣ аз бисёр ҷиҳат ба саломатии бачагон ва инкишофи ҷисмонии онҳо вобаста мебошад. Зеро ки хусусиятҳои анатомию физиологӣ ва инкишофи ҷисмонии бачагон хусусиятҳои хос дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми баҳо додан ба инкишофи ҷисмонӣ одатан маълумотҳои атропометрикӣ: дарозӣ, вазни бадан, доира ва шакли қафаси сина, дарозӣ ва шакли дасту пойҳо, тарҳи мушакҳо ва ҳоказоро донистан зарур аст.

Дар моҳҳои аввали таълим аз ҳад зиёд гузаронидани машқу амалҳо, супоридани вазифаҳои мураккаб чандон зарур нест, чунки ҳаракатҳои каҷу килеб навиштан дастҳои бачагонро монда кунонида, қобилияти кориашонро суст мекунад. Бинобар ин супоришҳои синфӣ ва хонагӣ аз иқтидори синну соли бачагон зиёд набошад, зеро ин зарар дошта, ҳаваси маърифатии онҳоро суст мекунад ва боиси дилбазании онҳо мегардад.

## 1.6. Хусусиятҳои психологии хонандагони синни хурди мактабӣ

Бояд гуфт, ки таълим фаъолияти душвор ва мураккаб буда, аз хонанда саъю кӯшиши амалҳои иродаро талаб мекунад. Қабл аз дохилшавӣ ба мактаб, яъне дар давраи томактабӣ кӯдакон дар бораи ҳаёти гирду атроф, ҳодисаҳои табиат ва муносибатҳои иҷтимоии байниҳамии одамон дониши муайян ҳосил намуда буданд. Дар мактаб бошад ба мунтазам омӯхтани мафҳумҳои илмӣ, моҳияти байни ҳодисаҳо ва ашёҳоро бо таври чуқур ва пурра инъикос мекунанд, шинос мешаванд. Ин ба инкишофи доираи ҳаҷми дониш ва ташаккулёбии амалҳои фикрии онҳо мусоидат мекунад.

Маълум аст, ки бе тасаввуротҳо ва образҳо бачагон аз уҳдаи иҷрои амалҳои фикрӣ намебароянд. Бештар онҳо дар асоси аёният ва таҷрибаи зоҳирӣ (берунӣ) амал мекунанд. Баъдтар дар натиҷаи таҳсил дар бачагон

дар асоси амалҳои ботинӣ равандҳои рӯҳӣ: эҳсос, идрок, диққат, хотира, тафаккур ва нутқ инкишоф меёбад.

Таълими мактабӣ на танҳо ба инкишофи фаъолияти фикрии хонандагон, балки ба шаклгирии сифатҳои маънавӣ-иродавии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Чунки ба бачагон муаллим дар хусуси қоидаҳои ахлоқӣ маълумоти муайян дода, чӣ тавр ба коллективи синф ва бо атрофиён муносибат карданро меомӯзад. Минбаъд дар асоси талаботу дархостҳои муаллим машқу ёддиҳии ӯ амалҳои иродавӣ мақсаднок шуда, оҳиста оҳиста ба тартиб медароянд.

Ба хонандагон талқин кардан лозим аст, ки хондану навиштан чизи зарур ва муҳим аст. Ҳангоми таълимгирӣ ба инкишофи нутқи мураттаби бачагон аҳамияти муҳим додан лозим. Зеро ба инкишофи нутқи бачагон на танҳо нутқи маданӣ, таъсирбахш ва пурмазмуни муаллим, балки мутолиаи китобҳои дарсӣ ва адабиёти бачагона низ таъсири мусбат мерасонад.

Омӯхтани нутқи ботартиб ба бача имконият медиҳад, ки ӯ фикрашро дуруст ифода кунад ва нутқи дигаронро фаҳмад. Ин боиси инкишофи муошират бо ҳамсолон, шахсони калонсол шуда, имкониятҳои ӯро дар бораи тамошои кино, театр ва мутолиаи рӯзномаю маҷалла, китобҳои бадеии бачагона ҳам афзун менамояд. Ин ҳама осори худро ба инкишофи дигар равандҳои рӯҳӣ ба монанди; эҳсосу идрок ва хотира мегузорад. Масалан, идроки бача ботартиб, пай дар пай шуда, дар натиҷаи ин мушоҳидаи ӯ мақсаднок мешавад. Дар соҳаи хотира ҳам тағйиротҳо ба амал меоянд. Хотираи бачаҳо аз хотираи ғайриихтиёрӣ ба хотираи ихтиёрӣ, яъне хотираи мақсаднок табдил меёбад.

Акнун бачагон аз маҷмӯи дониш ва тасаввуротҳо чизҳоеро интихоб мекунанд, ки барои онҳо муҳиманд. Онҳо аз усулҳои самарабахши бахотиргирӣ истифода бурданро ёд мегиранд.

Дар раванди таълим бачагон ҳам соҳиби донишу маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ мегарданд ва ҳам тарзҳои муносибатро меомӯзанд. Бояд гуфт, ки муносибати байниҳамии бачагон бо калонсолон ва ҳамсолон бо осонӣ барқарор намешавад. Онҳо ба шароити нави таълимӣ, шаклҳои нави муносибат тадриҷан мутобиқ мешаванд.

Муаллим на танҳо ба фаъолияти шогирдон баҳо диҳад, балки ба он муваффақ шавад, ки дар ҳар як хонанда маҳорати ба натиҷаи меҳнати худ баҳодиҳӣ ҳам дар рафти таълим ва ҳам дар фаъолиятҳои дигар ташаккул дода шавад. Шартҳои инкишофи баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳӣ хеле бисёранд, яке аз онҳо фаъолияти таълимӣ мебошад. Хусусан дар рафти машғулиятҳои аппликатсия, расмкашӣ, суробсозӣ баҳодиҳиро дар бачагон инкишоф додан мумкин аст. Масалан, ба бачагон ёд додан лозим аст, ки кори худро бо кори дигарон муқоиса карда, муваффақият ва камбудии худро муайян намоянд.

Бачагон дар шароиту муҳити психологии мактаб, навовариҳои дохили мактабӣ мунтазам мутобиқ мешаванд. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим аст, ки ба ҷиҳатҳои зерин диққат диҳад:

- ба шароити нави таълимӣ гузаштани бачагон зоҳиран дар рафтори онҳо хеле равшан ифода меёбад, ки ба ин зинаи муҳиму масъулиятнок бачагонро тайёр кардан лозим аст;
- бачаҳо бо руҳияи хурсандӣ ба мактаб меоянд. Ба он умед мебанданд, ки дар мактаб нисбат ба оилаю кӯдакистон машғулиятҳо ва дарсҳо шавқовар мегузаранд ва бештар ба ҷиҳатҳои нав вомехӯранд.

Рӯзҳои аввали таҳсил мактаббачагони хурдсол ба хониш ҳаваси зиёд доранд, вале онҳо ҳоло ба мазмуни ашёҳои таълимӣ шинос нестанд. Ҳаваси маърифатии онҳо баъди омӯхтани риёзӣ, забони модарӣ ва дигар фанҳои таълимӣ пайдо мешавад. Бачагон аз дарсҳои аввалин сар карда, соҳиби дониши муайян мегарданд, ки ин ҳавас ва мароми таълимии онҳоро нисбат ба фанни «Забони модарӣ», «Математика», «Хониш», «Суруд» ва «Расмкашӣ» бедор мекунад. Хонандагон доир ба ашёҳои амалӣ, воқеӣ, абстрактӣ, маҷмӯи шумораҳо, тартиби ҳарфҳо, ададҳо маълумоти саҳеҳ мегиранд, ки шавқу ҳаваси маърифатии онҳоро ба омӯхтани малакаҳои кори таълимӣ ва илм зиёд мекунад.

Ҳамин тавр, давраи аввали ҳаёти мактабӣ дар он ифода меёбад, ки бачагон ба талабу дархостҳои муаллим риоя карданро ёд мегиранд, худро ба ин масъул мешуморанд ва ба омӯзиши фанҳои таълимӣ бо ҳисси маърифатӣ муносибат мекунанд.

Бояд гуфт, ки қариб мазмуни таълим дар нимсолаи аввали таҳсил якранг мегузарад. Ҳар рӯз бачаҳо ба дарсҳо бо тайёрӣ меоянд, қоидаҳои талабагиро риоя менамоянд, ба тозагии сару либос, дафтару китобҳо ва дигар ашёҳои хониш риоя менамоянд. Лекин ҳамон шакли дарсҳои анъанавӣ ва якранг ҳаваси маърифатии бачагонро бедор намекунанд.

Аз ин ҷиҳат лозим аст, ки муаллим дар рӯзҳои аввал ҳар як бачаро бинад, хуб мушоҳида кунад, ба дили ӯ роҳ ёбад ва бо ҳар кадоми вай муносибати фардӣ барқарор карда тавонад. Зеро бачаҳо ҳамон муаллимонеро меписанданд ва ҳурмату эҳтиром мекунанд, ки хислату мизоҷ, қобилият, шавқу ҳавас, саъю кӯшиш ва ваҷҳҳои шогирдонро хуб медонанд. Онҳо ба хубӣ мефаҳманд, ки сустхониро чӣ тавр дар хонандагон барҳам додан мумкин аст. Бо кадом роҳҳо дар бачагон руҳияи фаъолнокиро тарбия кардан мумкин аст.

## 2. Муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогӣ

Муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогиро таҷрибаомӯзии таълимӣ-тарбиявӣ, таълимӣ-дарккунӣ, фаъолияти амалии тадқиқотии донишҷӯён, ки ба азхуднамоии муттасили равандҳои педагогӣ ва нақши омӯзгор дар онҳо равона гардидааст, ташкил медиҳад. Дар рафти таҷрибаи омӯзгорӣ дар омӯзгори оянда ташаккул додани малакаю маҳорати педагогӣ ва сифатҳои касбии зерин ҳал карда мешавад:

- мустаҳкам кардан, амиқ гардонидан ва ғанӣ намудани донишҳои ҷамъиятӣ, педагогӣ, психологӣ, тахассусӣ ва амалӣ намудани онҳо дар ҳалли вазифаҳои мушаххаси таълимию тарбиявӣ;
- тарбия намудани шавқи устувор ва муҳаббат ба касби омӯзгорӣ, талаботи худтарбиякунӣ ва худомӯзии касбию педагогӣ, зарурати ташаккули муносибати эҷодӣ ба фаъолияти педагогӣ;
- шиносоӣ ба ҳолати кунунии кори таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ мактаб, гимназия, литсей, омӯзишгоҳҳои касбӣ техникӣ ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ, расонидани ёрии амалӣ ба муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар ҳалли вазифаҳои тарбияи кӯдакону наврасон.

## 3. Вазифаи асосии методист/омӯзгорӣ синфҳои ибтидоии мактаби базавӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён

Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ:

- дар конференсияҳои дастурдиҳӣ ва ҷамъбастии факултет ва муассисаи таълимӣ иштирок мекунад;
- таҷрибаомӯзонро бо ҳайати синф ва хислатномаи синф шинос менамояд;
- таҷрибаомӯзонро бо ҳуҷҷатҳои роҳбари синф шинос мекунад;
- ба таҷрибаомӯзон роҳу усул, воситаҳо ва методҳои муосири дарсдиҳиро меомӯзад;
- дар омода намудани ҷадвали дарсии донишҷӯёни таҷрибаомӯз ва гузаронидани дарсҳои санҷишӣ ба онҳо ёрии методӣ мерасонад;
- бо ҳамроҳии методистони фанни тахассусӣ, педагогика ва психология фаъолияти таҷрибаомӯзонро дар ҳафтаи таълимӣ ҷамъбаст намуда, арзёбӣ менамояд;
- донишҷӯёнро бо нақшаи корҳои таълимию тарбиявии синф шинос месозанд ва барои онҳо машғулиятҳои дарсӣ, корҳои беруназсинфӣ ташкил намуда,
- раванди онро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунанд;
- дар якҷоягӣ бо роҳбари гурӯҳи таҷибаомӯзии педагогӣ нақшаи тақвимии машғулиятҳои дарсиро дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ тартиб дода, иҷрои корҳои беруназсинфиро оид ба фанни таълимӣ ба нақша мегиранд;
- бо донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ барои баргузор намудани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои беруназсинфӣ мусоҳибаҳо гузаронида,

нақшаҳои дарсии яксоатаи дарназардоштаро мавриди санҷиш ва тасдиқ қарор медиҳанд;

- дар таҳлил ва баҳодиҳии ҳар як машғулияти дарсии аз ҷониби донишҷӯёни таҷрибаомӯз баргузоршуда иштирок мекунанд;
- ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз тавсифнома дода, корҳои онҳоро дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз руи ихтисос баҳо медиҳанд;
- дар ҷаласаҳои роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок менамоянд;
- таҷрибаомӯзонро бо мазмун ва мундариҷаи барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ шинос мекунад;;
- таҷрибаомӯзонро ба нақшаи тақвимии солона аз фанҳои синфҳои ибтидоиро шинос менамояд;
- таҷрибаомӯзонро бо нақшаи солонаи кори кабинети синфҳои ибтидоӣ шинос менамояд;
- таҷрибаомӯзонро бо нақшаи солонаи машғулиятҳои берунаазсинфӣ дар синфҳои ибтидоӣ шинос менамояд;
- дар тайёр намудани маводи дидактикӣ, таълимӣ, санҷишӣ ба таҷрибаомӯзон ёрӣ мерасонад;
- ба донишҷӯён оид ба меъёри баҳогузорӣ ба дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ дастур медиҳад;
- донишҷӯёнро бо шароит ва хусусиятҳои фаъолияти педагогии синфҳои ибтидоӣ шинос мекунад;

## Омӯзгор/роҳбари синф:

- донишҷӯёнро бо ҷадвали дарсҳо, ҷадвали зангҳо, қоидаҳои дохилимактабӣ, қоидаҳои дохилисинфӣ шинос менамояд;
- таҷрибаомӯзонро бо низоми таълим дар муассиса шинос менамояд;
- тартиби ҳуҷҷатгузориро ба таҷрибаомӯзон шинос менамояд;
- таҷрибаомӯзонро бо қоидаҳои бехатарӣ синф ва мактаб шинос мекунад;
- донишҷӯёнро бо ҳайати синф, муносибатҳои фардӣ, дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти онҳо шинос мекунад;
- ба донишҷӯён ҳангоми таҳияи нақшаи корҳои тарбиявӣ кӯмак мерасонад;
- дар машғулиятҳои дарсии бо хонандагони синф баргузорнамудаи донишҷӯёни таҷрибаомӯз иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;
- ба корҳои донишҷӯён оид ба масалаҳои омӯзиши хонандагон роҳбарӣ мекунад; ба донишҷӯён тавсифнома дода, корҳои тарбиявии онҳоро баҳогузорӣ менамояд.
- бо нақшаҳои таълимию тарбиявӣ шинос мекунад;
- барои тартиб додани нақшаи тавзеҳӣ кӯмаки методӣ мерасонад;
- таҷрибаомӯзонро бо Созмони талабагӣ шинос мекунад;
- дар гузаронидани чорабиниҳои таълимию тарбиявӣ кӯмакҳои таълимию методӣ мерасонад;

- таҷрибаомӯзонро бо технологияи тайёр намудани айёниятҳо шинос мекунад;
- дар омода намудани нақшаҳои яксоатаи дарсҳои санҷишӣ ба таҷрибаомӯзон тавсияҳои методӣ медиҳад;
- дар гузаронидани соатҳои тарбиявӣ ба таҷрибаомӯзон кӯмак мерасонад;
- роҳбари синф дар дарсҳои санҷишии таҷрибаомӯзон иштирок намуда онҳоро таҳлилу баррасӣ мекунад;
- дар конференсияи ҷамъбастии таҷрибаомӯзон иштирок намуда, фаъолияти онҳоро арзёбӣ мекунад;

## 4. Уҳдадориҳои маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён

Дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ба фаъолияти педагогӣ ворид шудани донишҷӯён/омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидитоӣ ҳамаҷониба бояд кушиш ба харҷ диҳанд, то ин ки таҷрибаомӯзон тавонанд донишҳояшонро дар амалия санҷанд ва нисбат ба касби омӯзгорӣ меҳру муҳаббати устувор пайдо намоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки коллективи педагогии мактаб дар дастаҷамъӣ метавонад ин устувориро мустаҳкам намояд. Аз ин хотир дар поён баъзе тавсияҳо оид ба ин мундариҷа оварда мешавад.

### 4.1. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ё муовинони онҳо:

- барои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаи таълимӣ масъул буда, омӯзгорони пуртаҷрибаро барои вобаста кардани таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзӣ дар муассиса таъин мекунанд;
- барои гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ шароити мусоид фароҳам оварда, бо омӯзгорон, кормандони ёрирасон ва хонандагон оид ба масъалаҳои таҷрибаомӯзии банақшагирифта кор мебаранд;
- донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо муассисаи таълимӣ, ҳайати омӯзгорон Оинномаи муассиса, ҳуҷҷатгузорӣ, иттиҳодияҳои методии амалкунанда, базаи(утоқҳои) таълимӣ-методӣ (кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, китобхона ва ғайра), ҳамчунин бо талаботи умумии тартиби ташкили корҳои таълимию методӣ, машғулиятҳои дарсӣ ва шаклҳои гуногуни корҳои берунazсинфӣ, Созмони талабагии муассиса, бо фаъолияти кумитаи падару модарони хонандагон шинос мекунанд;
- ҷиҳати татбиқи барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ва нақшаҳои фардии донишҷӯён, онҳоро бо воситаҳои моддӣ-техникӣ ва синфхонаҳо, кабинетҳои методӣ, ҳуҷраҳо барои гузаронидани машғулиятҳои методӣ таъмин мегардонанд;
- фаъолияти таҷрибаомӯзонро назорат ва арзёбӣ мекунад;
- дар мувофиқа бо роҳбари гурӯҳии таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯёнро ба синфҳо вобаста мекунанд;

- таҷрибаомӯзонро бо таҷрибаи пешқадами омӯзгорони пуртаҷрибаи муассиса шинос мекунанд;
- таҷрибаомӯзонро дар баргузории чорабиниҳои муассисавӣ ҷалб мекунанд;
- дар баргузор намудани чорабиниҳои гуногуни таҷрибаомӯзон мусоидат мекунанд;
- дар баргузор намудани дарсҳои озмоишӣ-санҷишӣ мусоидат мекунанд;
- оид ба такмил додани таҷрибаомӯзии педагогӣ пешниҳод манзур месозанд;
- ҷиҳати натиҷагирии таҷрибаомӯзии педагогӣ ҷаласа доир менамоянд;
- дар дарсҳои таҷрибаомӯзон, корҳои тарбиявӣ ва беруназсинфии онҳо иштирок намуда, таҳлил менамоянд;
- таҷрибаомӯзонро бо ҳуҷҷатгузорӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шинос менамоянд;
- бо нақшаҳои таълимииии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, фанҳои синфҳои ибтидоӣ шинос менамояд;

## 4.2. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ:

- барои таҷрибаомӯзон дарсҳои намунавӣ баргузор менамоянд;
- ба таҷрибаомӯзон роҳу усул ва методҳои гуногуни дарсдиҳиро меомӯзад;
- дар якҷоягӣ бо роҳбари гурӯҳии таҷибаомкзии педагогӣ нақшаи тақвимии машғулиятҳои дарсиро дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ тартиб дода, иҷрои корҳои беруназсинфиро оид ба фанни таълимӣ ба нақша мегиранд;
- бо донишҷӯён ҷиҳати омодагӣ барои баргузор намудани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ ва корҳои беруназсинфӣ мусоҳибаҳо гузаронида, нақшаҳои дарсии яксоатаи дар назардоштаро мавриди санҷиш ва тасдиқ қарор медиҳанд;
- дар таҳлил ва баҳодиҳии ҳар як машғулияти дарсии аз ҷониби донишҷӯёни таҷрибаомкз баргузоршуда иштирок мекунанд;
- ба донишҷӯёни таҷрибаомкз тавсифнома дода, корҳои онҳоро дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз рӯи ихтисос баҳо медиҳанд;
- дар ҷаласаҳои роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таҷрибаомӯзии педагогӣ иштирок менамоянд.

## 4.3. Роҳбари синф:

- таҷрибаомӯзонро бо нақшаҳои тақвимии фаннӣ, нақшаҳои гузаронидани соатҳои тарбиявӣ, ҷадвали дарсӣ, қоидаҳои муассисавию дохили синфӣ шинос мекунад;
- донишҷӯёнро бо ҳайати синф, муносибатҳои фардӣ, дараҷаи азхудкунӣ ва давомоти онҳо шинос мекунад;
- ба донишҷӯён ҳангоми таҳияи нақшаи тақвимӣ, нақшаи корҳои тарбиявӣ кӯмаки методӣ мерасонад;
- шароит барои гузаронидани дарсҳои озмоишию санҷиширо фароҳам меорад;
- дар таҳияи нақшаи тавзеҳии дарсҳои санҷишӣ кӯмаки методӣ мерасонад;

- дар дарсҳои санҷишии бо хонандагони синф баргузорнамудаи донишҷӯёни таҷрибаомӯз иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад;
- ба корҳои донишҷӯён оид ба масалаҳои омӯзиши хонандагон роҳнамоӣ мекунад;
- ба донишҷӯён тавсифнома дода, корҳои таълимию тарбиявии онҳоро баҳогузорӣ менамояд.

### 4.5. Муовинони директори муассисаҳои таълимӣ оид ба корҳои таълимию тарбиявӣ:

- ба донишҷӯён — таҷрибаомӯзон барои гузаронидани давраи таҷрибаомӯзӯӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд;
- донишҷӯёни таҷрибаомӯзро бо нақшаи корҳои таълимию тарбиявии хонандагони муассисаи таълимӣ шинос мекунанд;
- ба донишҷӯёни таҷрибаомӯз ҷиҳати банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои коллективӣ-эҷодӣ кӯмак мерасонанд;
- барои донишҷӯёни таҷрбаомӯз машғулиятҳои методӣ ташкил мекунанд;
- ба таври интихобӣ дар машғулиятҳои дарсҳои таълимию тарбиявии донишҷӯёни таҷрибаомӯз ва муҳокимаи натиҷаи онҳо иштирок менамоянд;
- дар корҳои роҳбарони синф бо донишҷӯёни таҷрибаомӯз ёрии амалӣ мерасонанд.

## 5. Вазифаҳои масъулини таҷрибаомӯзии донишҷӯён

### 5.1. Вазифаи методисти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ аз рӯи ихтисос

Методисти таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ихтисос аз ҳайати профессорону омӯзгорони фаннии кафедраи «Таҳсилоти ибтидоӣ» таъин карда мешавад.

Вазифаҳои асосии методист аз рӯи ихтисос аз инҳо иборатанд:

- дар конференсияи дастурдиҳӣ ва ҷамъбастии давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён иштирок мекунад;
- гурӯҳи донишҷӯёнро ба синфҳо тақсим карда, нақшаи фардии онҳоро тасдиқ мекунад;
- давомот ва роҳҳои иҷрои нақшаи фаъолияти таҷрибаомӯзонро назорат мекунад;
- ба дарсҳои таҷрибаомӯзон ва чорабиниҳои беруназсинфӣ иштирок карда, онҳоро таҳлил мекунад;
- ба 4 дарсҳои таҷрибаомӯзон ва 1 чорабинии беруназсинфӣ иштирок карда, онҳоро таҳлил мекунад;

- дар таҳияи дарсҳои фанни ба донишҷӯён ёрӣ расонад;
- бо донишҷӯён семинарҳои дастурдиҳи гузаронда, онҳоро барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тайёр намояд;
- дар дарсҳои таҷрибаомӯзон иштирок намуда, дар якҷоягӣ бо онҳо дарсҳоро таҳлилу арзёбӣ намояд;
- тарзи ҳуҷҷатгузории таҷрибаомӯзии донишҷӯёнро назорат намуда, сари вақт ба онҳо ёри расонад;
- бо методистон, роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, маъмурияти мактаби базавӣ қобилият ва маданияти педагогии таҷрибаомӯзон/донишҷӯёнро баҳогузорӣ менамояд;
- барои беҳтар кардани тайёрии назариявӣ ва амалии донишҷӯён пешниҳодҳо мекунад;
- методисти таҷрибаомӯзӣ аз кафедра чорабиниҳои ташкилиро пеш аз ба таҷрибаомӯзӣ рафтан таъмин менамояд ва дар якҷоягӣ бо методистони дигар риояи техникаи бехатарии донишҷӯёнро ба уҳда мегирад;
- муҳлат ва иҷрои нақшаи таҷрибаомӯзиро назорат менамояд;
- ба донишҷӯён, ҳангоми иҷроиши супоришҳои инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод барои кори тахассусии хатм кӯмак мекунад;
- пур кардани Рӯзномаи донишҷӯёнро назорат мекунад;
- риояи техникаи бехатариро аз таҷрибаомӯзон/донишҷӯён талаб менамояд;
- ба донишҷӯён, ҳангоми иҷроиши супоришҳои инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод барои кори тахассусии кӯмак мекунад.

## 5.2. Вазифаи методисти фанни педагогика

Методисти фанни педагогика аз ҷумлаи мутахассисони кафедраи педагогика таъин карда мешавад. Методист оид ба педагогика дар самтҳои хусусиятҳои кори тарбиявӣ бо синфҳои ибтидоӣ, муносибати педагогӣ, муоширати педагогӣ, семинарҳои проблемавӣ ба донишҷӯён раҳнамоӣ мекунад. Номгӯи супоришҳо, тартиби иҷрои онҳо ва шакли пешниҳоди ҳисобот оид ба иҷрои супоришҳоро тавзеҳ медиҳад.

Бо ин мақсад чунин корҳоро анҷом медиҳад:

- дар конференсияҳои дастурдиҳӣ ва ҷамъбастии таҷрибаи педагогӣ дар мактаб ва донишгоҳ иштирок менамояд;
- метавонад ба таҷрибаомӯзон дар якчанд муассисаҳои таълимӣ роҳбарӣ кунад, вале миқдори умумии донишҷуён аз 25 нафар зиёд набошад;
- дар банақшагирӣ ва ташкили таҷрибаи педагогӣ фаъолона иштирок менамояд;
- вазифаҳои таҷрибаомӯзонро оид ба гузаронидани корҳои тарбиявӣ шарҳ медиҳад;
- намудҳои асосии корҳои тарбиявиро тавзеҳ медиҳад;
- омодагии методии донишҷӯёнро барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ амалӣ мекунад;

- таҳлили ҷанбаи педагогии дарсҳои таҷрибаомӯзонро мегузаронад;
- ба донишҷӯён оид ба масъалаи мазмун ва мундариҷаи ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ маслиҳатҳо медиҳад;
- дар чорабиниҳои беруназсинфии тарбиявӣ иштирок карда, онҳоро таҳлил ва ҳамроҳи таҷрибаомӯзон муҳокима мекунад;
- семинар ва машваратҳои методии донишҷӯёнро ташкил менамояд;
- ба роҳбарони синфҳо ёрии методӣ мерасонанд;
- бо ҳамкории роҳбарони синф, методистон, муаллимони таълимгоҳҳо дар ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ иштирок намуда, ба фаъолияти таҷрибаомӯзон баҳо медиҳанд;
- оид ба ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ ҳамчун роҳбари синф ба роҳбари гурӯҳи таҷрибаомӯзон маълумот медиҳанд.
- ба як машғулияти дарсии ҳар як донишҷӯи вобасташуда ва ба як машғулияти беруназсинфии донишҷӯён иштирок намуда, онҳоро таҳлил ва баҳогузорӣ мекунад.

## 5.3. Вазифаи методисти фанни психология

Методисти фанни психология дар рафти таҷрибаи педагогӣ доир ба хусусиятҳои инфиродию психологии шахсияти хонанда, ҷараёнҳои маърифатии онҳо, бо ҳар хонанда муносибати инфироди кардан ба таҷрибаомӯзон дар истифодаи донишҳои психологӣ, омӯхтани таҷрибаи ҳалли проблемаҳои психологии таълиму тарбия ва шахсияти хонандагон, ташхис ва муайян намудани равандҳои маърифатӣ, соҳаҳои эмотсионалию иродавӣ ёрӣ мерасонад.

Барои роҳнамоӣ бо донишҷуён методисти психология чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- дар конференсияи дастурдиҳӣ ва ҷамъбастии таҷрибаомӯзон иштирок мекунад;
- машваратҳои алоҳида ва коллективонаи донишҷӯёнро роҷеъ ба омӯзиши шахсияти хонанда ва коллективи синф таъмин менамояд;
- вазифаҳои донишҷуёнро дар давраи таҷрибаомӯзӣ оид ба психология тавзеҳ медиҳад;
- бо методикаи омӯзиши шахсият ва коллективи хонандагон таҷрибаомӯзонро шинос мекунад;
- оид ба омӯхтани хусусиятҳои психологию инфиродии хонандагон машварат мегузаронад;
- дарсҳои донишҷӯёнро аз нуқтаи назари психологӣ таҳлил ва арзёбӣ намуда, ба онҳо оид ба ташкили ҷанбаҳои психологии дарс маслиҳатҳо медиҳад;
- дар ташкили маслиҳату масъалаҳои истифодаи донишҳои психологӣ дар таълим ёрӣ мерасонанд;
- дар 1 дарс ва 1 машғулияти чорабинии беруназсинфии доншҷӯёни вобасташуда иштирок намуда, муҳокимаҳои онро таъмин мекунанд, ба мазмуни он баҳо медиҳанд;

- ба донишҷӯён оид ба масъалаҳои тартиб додани хислатномаи педагогию психологии шахсияти хонанда ва коллективи синф, таҳлили педагогию психологии дарс маслиҳатҳо медиҳанд;
- дар давраи таҷрибаомӯзӣ бо донишҷӯён робитаи мутақобил ташкил карда, фаъолияти ҳар як донишҷӯро таҳлил ва арзёбӣ мекунад.

## 6. Арзёбии ҷараён ва натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ

Дар ҷараёни фаъолияти таҷрибаомӯзии донишҷӯён дониш, маҳорату малака ва салоҳиятҳои онҳо мавриди назорат ва арзёбӣ қарор дорад. Дар ин самт муаллимони муассисаи таълимию тарбиявӣ, роҳбари синф, методистон аз рӯи методҳои арзёбии ҷорӣ- ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ истифода менамоянд.

Барои беҳтар ба роҳ мондани азхудкунии малакаҳои таълимию тарбиявӣ ва такмили маҳорати донишҷӯ роҳбаладон маслиҳатҳои методӣ ва тавсияҳо медиҳанд.

Методҳои арзёбии ҷорӣ- шифоҳӣ ва хаттӣ баъди иштирок ва таҳлили дарс истифода мешаванд. Баррасии натиҷаҳои фаъолият, таҳлилҳои роҳбаладон оид ба нақшагирии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, ташкили фаъолияти таълими хонандагон, мушоҳидаҳои педагогию психологӣ, вазифаҳо оид ба корҳои курсию дипломӣ мундариҷаи арзёбии ташаккулдиҳандаро ташкил медиҳанд.

Маслиҳат ва тавсияҳои методӣ бояд асоснок бошанд. То донишҷӯён тавонанд дар нақшагирӣ, амалигардонӣ ва мулоҳизаронӣ фаъолияти боовариро ба худ инкишоф диҳанд. Инчунин онҳо аз таҳлили методии роҳбаладон натиҷаҳои фаъолияти худро таҳлил мекунад, ки барои рушди салоҳияти касбӣ ва ба низом овардани ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзиашон мусоидат менамояд.

Арзёбии фаъолияти таҷрибаомӯз ба назардошти фикри омӯзгори синф, методистони фаннӣ сурат мегирад. Натиҷаҳои он дар семинар ва конференсияҳои ҷамъбастӣ баррасӣ карда мешаванд. Агар таҷрибаомӯз аз баҳояш норозӣ бошад ба кафедраи таҷрибаомӯзӣ ҳуҷҷатҳояшро такроран месупорад. Дар кафедра аз ҳисоби методистони дигар комиссия таъсис дода бо таҷрибаомӯз суҳбат гузаронида мешавад, ки баъдан дар кафедра муҳокима мегардад.

## 1. Иқтибос аз Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017, № 1/16 тасдиқ шудааст)

**Муқаррароти умумӣ**

1. Низомномаи мазкур дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилотии олии касбӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии педагогиро ба танзим медарорад.

2. Таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қисми таркибии Барномаи асосии таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, ҳаҷм, мақсад ва вазифаҳои он тибқи талаботи ҳадди ақали мазмун ва мудариҷаи стандартҳои давлатии таълимиииихтисосҳои амалкунандаимуассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

3. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таҳкими донишҳои назариявии азбаркардаи донишҷӯён дар раванди таҳсил ва такмили малакаю маҳорати амалӣ дар касби интихобкарда равона гардида, бо мақсади аз ҷониби донишҷӯён аз худ кардани касби омӯзгорӣ, нишон додани таҷрибаи пешрафта ва истифодаи он дар корҳои таълимӣ, ҳамзамон дар ниҳоди онҳо тарбия намудани ҳиссу муҳаббат нисбат ба касби омӯзгорӣ ташкил ва баргузор мегардад.

4. Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ (минбаъд муассисаҳои таълимӣ) гузаронида мешавад. Муассисаҳои таълимӣ тибқи қарордод бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун пойгоҳи гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ муайян карда мешаванд.

**Банди 6. Вазифаҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ**

Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ аз инҳо иборатанд:

- ҷалби донишҷӯён ба раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ;
- фароҳам овардани шароит ҷиҳати истифодаиэҷодкоронаи дониш ва рушди маҳорату қобилияти касбии донишҷӯён;
- мусоидат ба ташаккули ақидаҳои шахсии донишҷӯён оид ба консепсияҳои муосири таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
- ташаккули қобилияти донишҷӯён барои фаъолияти мустақилона дар самти рушд ва худинкишофдиҳии шахсияти хонандагон, омода намудани онҳо

барои фаъолияти навоварӣ (иноватсионӣ) дар соҳаи таҳсилот ва дуруст истифода кардани воситаҳои он;

- рушди маҳорат ва малакаи донишҷӯён ҷиҳати татбиқи муваффақонаи раванди таълиму тарбия;
- ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ғоявии донишҷӯён, аз худ намудани шаклҳои маъмули фаъолияти тарбияи ғоявӣ;
- бадастовардани сифатҳои касбии омӯзгори оянда, ки ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд;
- тарбияи муҳаббат ва иззату эҳтироми донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ;
- ба роҳ мондани фаъолияти амалии донишҷӯён, ташаккули маҳорату малакаҳои касбии онҳо ҷиҳати аз бар намудани усулҳои муосири таълиму тарбия;
- татбиқи амалӣ ва таҳкими донишҳои назариявӣ, ки донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ, тахассусӣ ва равоншиносиву омӯзгорӣ аз худ намудаанд;
- ба роҳ мондани муносибати педагогии донишҷӯён бо хонандагон ва омӯзиши хислатҳои синнусолӣ ва фардии онҳо;
- коркарди муносибати эҷодӣ ва тадқиқотӣ нисбат ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз худ намудани малакаҳои таҳлилӣ ва кор карди натиҷаҳои бадастомада.

**Банди 7. Принсипҳои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ**

Принсипҳои ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ чунинанд:

- мувофиқатии омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомқзӣ;
- ба ҳамоии омодагии умумипедагогӣ, психологӣ ва тахассусии донишҷӯён;
- рушди тафриқавии имкониятҳои донишҷқ ҷиҳати аз худ намудани маҳорату малакаи педагогӣ ва ташаккули сабки инфиродии фаъолияти омӯзгорӣ;
- муносибати муттасил ба ташаккули мазмун ва муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогӣ;

**Банди 13. Ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ**

Донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ бояд корҳои зеринро иҷро намоянд:

- таҳлили мундариҷа ва самтҳои асосии фаъолияти педагогии муассисаи таълимӣ;
- иштирок дар машғулиятҳои дарсии синфҳое, ки ба онҳо вобаста шудаанд ва дар асоси мушоҳида муайян намудани муҳити иҷтимоӣ ва сабки муошırати хонандагон аз рқи муносибати онҳо бо омқзгор ва ҳамдигар;
- муайян намудани вазифаҳои таълиму тарбия дар асоси мақсади гузошташуда ва натиҷаҳои бадастоварда;
- таҳия ва шарҳи барномаи иҷро намудани талаботи таҷрибаомӯзӣ;
- моделсозии усулҳои ғайристандартии ташаккули шахсияти яке аз хонандагон оид ба самти интихобкардаи корҳои тарбиявӣ дар асоси мавриди омӯзиш қарор додани ӯ;

- фаъолона ташкил ва омода намудани корҳои муштараки эҷодӣ бо хонандагон;
- аз худ намудани усулҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои дарсӣ, татбиқи вазифаҳои таълим, тарбия ва ташаккули шахсияти донишҷӯён;
- аз худ намудани технологияи нави таълим;
- ҷорӣ намудани унсурҳои гузаронидани таҷриба дар раванди таълиму тарбия;
- таҳлил ва муайян намудани масъалаи «Чӣ тавр ба ҳисоб гирифтани вазъи саломатии хонандагон дар фаъолияти рӯзмарраи омӯзгорӣ»;
- ташкил ва гузаронидани корҳои тарбиявӣ бо хонандагон дар асоси Консепсияи миллии тарбия;
- гузаронидани вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо волидайни хонандагон бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».

**Банди 25. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои донишҷӯ-таҷрибаомӯз**
Донишҷӯи таҷрибаомӯз ҳуқуқ дорад:

- дар давраи гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ аз рӯи тамоми масъалаҳое, ки ба миён меоянд, ҷиҳати кӯмак ба роҳбарони таҷрибаомӯзии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, маъмурият ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ муроҷиат намояд;
- вобаста ба саволҳое, ки дар вақти таҷрибаомӯзӣ пайдо мешавад, аз роҳбарони гурӯҳӣ, маъмурият ва аз омӯзгорони муассисаи таълимӣ пурсон шавад;
- бо мақсади такмил додани раванди таълиму тарбия, ворид намудани тағйироту иловаҳо дар низомномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ бо пешниҳод муроҷиат намояд;
- дар конференсияҳо, ҷаласаи шқрои педагогии муассисаи таълимӣ иштирок намояд;
- аз китобхона, кабинетҳои фаннӣ ва маводи таълимӣ-методии дар муассисаи таълимӣ мавҷудбуда ба таври васеъ истифода барад.

**Банди 26.** Донишҷӯи таҷрибаомӯз уҳдадор аст, ки фаъолияти худро мутобиқи Оинномаи муассисаи таълимӣ ташкил карда, қоидаҳои тартиботи дохилии онро пурра риоя ва супоришҳои маъмурият ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро иҷро намояд. Дар ҳолати риоя накардани муқаррароти мазкур донишҷӯ аз гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ барканор ва бо сабаби доштани қарзи академӣ аз рӯи ин шакли корҳои таълимӣ аз сафи донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад.

## 2. Асосҳои назариявии бунёди муҳити мусоиди таълим ва омӯзиш дар раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён

Таҷрибаомӯзон бояд бояд аз методология ва хусусиятҳои хоси бунёди муҳити таълим ва омӯзиш тибқи талаботҳои муосири педагогию психологӣ дар заминаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва байналхалқӣ (стандартҳо, барномаҳо, конвенсияҳо, қонунҳо, эъломияҳо ва ғ.) бархурдор бошанд. Ҳамзамон, кафедраҳои «Таҳсилоти ибтидоӣ», педагогика, психология ва методистони таҷрибаомӯзии донишҷӯён-ро зарур аст, ки оид ба технологияи ташкили таълимӣ кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ семинар-машварат ва чорабиниҳо гузаронида, онҳоро ба ин раванд ҳаматарафа бояд тайёр намоянд. Ин семинар — машваратҳо метавонанд мавзуҳои зеринро дар бар гиранд.

**Муҳити мусоиди таълим ва омӯзиш.** Яке аз омилҳои асосии таъсиркунанда ба инкишофи самараноки хонанда, инчунин ҷараёни ташаккули шахсияти инфиродии ӯ муҳити таълимии дақиқкорона омодашуда ба ҳисоб меравад. Ин муҳити махсус барои ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаи муайяни хонанда ташкил карда шудааст. Ба ибораидигар, он қувваи берунаи ташкилкунандаест, ки ба ҷараёни таълим ва инкишоф ҳавасманд менамояд.

Муҳити таълими самаранок:

- ба инкишофи қобилиятҳои хонанда боис мегардад;
- малакаҳои иҷтимоӣ, иртиботии хонандаро ривоҷ медиҳад;
- ба табодули афкор ва ахбор мусоидат мекунад;
- боиси инкишофи нутқ мегардад;
- мустақилона гирифтани ахбори заруриро инкишоф медиҳад.

Ғояи муҳити таълим дар он аст, ки сарчашмаи инкишофи хонанда на фаъолияти таълимии калонсолон, балки худинкишоф ва худбунёди хонанда дар ҳамкории интерактивии ӯ бо муҳити таълим аст.

Ба муҳити омӯзиш ё таълим ҳамаи он чӣ, ки хонандаро иҳота карда, ба инкишофи ӯ таъсир мерасонад, дохил мешавад.

Шароити имрӯзаи таълим тағйироти афзалиятҳоро дар раванди таҳсилот пешбинӣ мекунад: аз таълим ба омӯзиш, аз шунидани ғайри фаъол ба амалҳои фаъол. Ивазшавии афзалиятҳо тағйироти ҷиддии вазифаҳои омӯзгорро тақозо мекунанд. Ба инвасила, вазифаи омӯзгор танҳо муайян кардани самти тараққиёт набуда, бунёди муҳити зарурӣ барои рушди қобилиятҳои хонанда ҳамчун шахсият низ мебошад.

Вазифаҳои омӯзгор барои бунёди муҳити самараноки психологӣ дар таълим чунинанд:

- дар маводу мавзуи омӯзиш ақида ва принсипҳои асосиро ҷудо мекунад. Методҳои омӯзиш ва тарзҳои фаъолиятро ба рушди салоҳияти хонандагон равона месозад. Мундариҷаи фанро дар атрофии ин самтҳои методологӣ тартиб медиҳад;
- масъалаҳои таълимро тавре таҳия мекунад, ки дархостҳои хонандаро оид ба донишҳои нав бедор менамояд (мушкил, вале ба дастоварда мумкин аст);
- вазъияти ҷустуҷӯи ақидаҳоро бунёд карда, амалҳои ғайримуқаррарии омӯзишро ҳавасманд мегардонад;
- фаҳмиши ахбори таълимиро бо истифода аз усулҳои таҳлил (рефлексия) ташкил мекунад: ба хонандагон дар асоси робитаҳо дар бораи пешрафт бештар ахбор медиҳад;
- хонандагонро ба таҳлили давраҳои ҳалли масъалаи таълим ҷалб ва ҳавасманд мекунад, ки аз ғалат гуфтан натарсида, фикри худро иброз доранд;
- корро дар ҷуфтҳо, гурӯҳҳои хурд ташкил карда, тарзҳои ҷустуҷӯ ва эҷодии кор бо матни таълимиро ба роҳ мемонад; фаъолияти хонандагонро на танҳо аз рӯи натиҷаи ниҳоӣ, балки аз рӯи раванди ноил гаштан ба он арзёбӣ мекунад. (Арзёбии ташаккулдиҳанда).

Яке аз унсурҳои асосии муҳити созанда барои таълим ва омӯзиш, ин ба назар гирифтани таҳсилоти фарогир, яъне тарҳи универсалии омӯзиш, омӯзиши иҷтимоӣ ва эмотсионалии хонанда ва таълиму арзёбии тафриқавӣ мебошанд.

**Таҳсилоти фарогир.** *«Таҳсилоти фарогир»* — мафҳумест, ки таҳсили ҳамаи хонандагонро бо ҳамсолон дар синфҳои муқаррарӣ ифода мекунад. Яъне, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, писарону духтарон, кӯдакони дорои фарҳанг ва динҳои гуногун, кӯдакони аз хонаводаҳои ниёзманд ва деҳоти дурдаст ҳуқуқи якхелаи таҳсил доранд. Ҷадвали дар поёновардашуда маҳфуми таҳсилоти фарогирро боз ҳам васеътар шарҳ медиҳад:

| Фарогирӣ чунин маънӣ дорад | Фарогирӣ чунин маънӣ надорад |
|---|---|
| Хонандагони дорои маъюбият дар мактаби маҳалла/деҳа таҳсил мекунанд. | Хонандагон метавонанд танҳо дар мактабҳои ҷудогона ё синфхонаҳои ҳамгирошуда таҳсил кунанд, ки мумкин аст дар наздикии мактаби маҳаллаи онҳо ҷойгир бошад ё ҷойгир набошанд. |
| Ягон кӯдак аз рӯи намуд ё дараҷаи маъюбият хориҷ карда намешавад. | Танҳо ба кӯдакони дорои маъюбияти сабук иҷозат дода мешавад, ки бахше аз таҳсилоти фарогир бошанд, дар ҳоле ки кӯдакони ба дастгирии бештар ниёздошта бояд дар муҳити ҷудогона таҳсил кунанд. |
| Таносуби табиии хонандагони дорои маъюбият дар ҳар мактаб ва синфхона таҳсил мекунанд. | Аз ҳад зиёд пур шудани синфхонаҳо бо хонандагони дорои маъюбият ё хонандагони дар хавф (риск) қарордошта. |

| Фарогирӣ чунин маънӣ дорад | Фарогирӣ чунин маънӣ надорад |
|---|---|
| Хонандагони дорои маъюбият ва бидуни маъюбият барои қонеъ кардани ниёзҳои инфиродии худ таҳсил мекунанд. | Коҳиш ёфтани муваффақияти хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ тавассути таълими сусттар ё барномаи таълимии камтар душвор. |
| Ҳар кӯдак дар синфхонаи таълими умумии мувофиқ ба синну сол таҳсил мекунад. | Хонандагони дорои маъюбият дар синфҳои ибтидоӣ бидуни имконияти омӯхтани мафҳумҳои мураккабтар нигоҳ дошта мешаванд. |
| Дастгирӣ дар бахши таҳсилоти махсус дар синфхонаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин карда мешавад. | Хонандагони дорои маъюбият дар синфхонаҳои таҳсилоти умумӣ бидуни банақшагирии бодиққат ва дастгирии мувофиқ ҷойгир карда мешаванд. |

**Омӯзгори фарогир кист?** Омӯзгори фарогир омӯзгорест, ки дар бораи ҳамаи кӯдакон фикр мекунад ва ба ҳамаи онҳо дарс медиҳад. Ӯ боварӣ дорад, ки тамоми кӯдакон бояд ба муассисаи таълимӣ раванд ва имкони рафтан ба муассисаҳои таълимии маҳалли худро дошта бошанд. Омӯзгори фарогир равишҳои омӯзиши ҳар як кӯдакро ба назар мегирад. Тарзи омӯзиши кӯдакон ва ҳатто калонсолон аз ҳам фарқ мекунад: баъзеҳо аз тариқи диаграммаҳои аёнӣ дарк мекунанд; барои баъзе лозим аст, ки барои худ қайдҳои мушаххас кунанд; барои гурӯҳи дигар лозим аст, ки ба суҳбати шифоҳии омӯзгор гӯш диҳанд. Инҳоро «сабкҳои омӯзиш» ё «равишҳои омӯзиш» меноманд. Вақте ки омӯзгор ҳангоми дарс аз лексия истифода мекунад, ин сабк барои он кӯдаконе мувофиқ аст, ки ба таври шифоҳӣ аз худ мекунанд ва дар азёдкунӣ хуб ҳастанд, аммо на барои кӯдакони дигар (новобаста аз он ки дорои талаботҳои махсус ҳастанд ё не). Агар омӯзгорон дарсҳои худро тарзе ба нақша гиранд, ки дар он таълим натанҳо тавассути як сабки омӯзиш, балки сабкҳои гуногун сурат гирад, он вақт кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони дорои талаботҳои махсус, беҳтар хоҳанд омӯхт.

Омӯзгоре, ки амалҳои дар поён зикршударо анҷом диҳад, яқин ҳосил мекунад, ки шогирдонаш фақат ба муассисаи таълимӣ омада, дар синф намешинанд, балки ҳамаи онҳо меомӯзанд, дар омӯзиши худ ва ҳамсинфонашон «ширкат» мекунанд ва ба истифодаи пурраи зарфиятҳои худ «ноил» мегарданд.

***Фаъолиятҳои омӯзгоре, ки омӯзишро фарогир менамоянд.***

1. Рӯйхати ҳамгироёна ба омӯзишро дар синф ташвиқ мекунад, то ки кӯдакон на мусобиқа, балки ба ҳамдигар кӯмак расонанд. Инро метавон аз тариқи корҳои гурӯҳӣ ва кор дар ҷуфтҳо ба роҳ монд.
2. Барои омӯзиши тамоми кӯдакон маводи иловагӣ ва муҳити ташвиққунандаро фароҳам меоварад.
3. Фурсатҳои омӯзишии пурмаъноро эҷод мекунад (аз худ мепурсад, ки чиро дарс додаст, чаро онро дарс додаст ва дар барномаи таълимӣ чӣ ҳаст?). Ҳамин тавр, омӯзгорон бояд итминон ҳосил намоянд, ки омӯзише, ки дар синф сурат мегирад, барои ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдакон маъно дорад ва донишу маҳоратҳоеро ба онҳо

меомӯзонад, ки ба онҳо кӯмак менамоянд аъзои бомасъулият ва судманди ҷомеа гарданд.

4. Яқин ҳосил мекунад, ки ҳамаи кӯдакон омӯзишу рушди худро нишон дода метавонанд ва арзёбӣ танҳо аз тариқи имтиҳонҳои хаттӣ ва азёдкунӣ амалӣ намешавад.
5. Итминон ҳосил мекунад, ки кори ҳамаи кӯдакон таъриф мешавад ва ҳатто расмҳои на он қадар мукаммали онҳоро дар девори синф овезон мекунад. Ӯ танҳо ба натиҷа не, балки ба «кӯшиш»-и кӯдак аҳамият медиҳад.
6. Тамасхур ва таҳқирро дар синф аз тарафи ягон кӯдак нисбати кӯдакони дигар таҳаммул намекунад.
7. Бо кӯдакони дорои маҳдудият ва кӯдакони дигар ҳамчун шахсони заифу нотавон муомила намекунад, балки кумаки амалиро пешкаш мекунад ва кӯдакони дигарро низ ба ин ташвиқ мекунад.
8. Аз кӯдакон интизориҳои баланд дорад ва онҳоро талқин мекунад, ки метавонанд муваффақ бошанд.

**Тарҳи универсалии омӯзиш.** *Тарҳи универсалии омӯзиш (ТУО)* — навъи муносибат дар таълими таҳсилоти фарогир буда, дар раванди таълим ба омӯзгорон ҷиҳати фаро гирифтани тамоми хонандагон новобаста аз қобилияти маърифатӣ, навъи маъюбият, синну сол, ҷинс, забон ва дигар хусусиятҳои фарқкунанда кумак менамояд. Тарҳи универсалии омӯзиш дар натиҷаи таҳқиқоту пажӯҳишҳо оид ба самаранокии таълими хонандагони дорои ниёзҳои гуногун асос ёфтааст, ки ба такмили барномаҳои таълимӣ нигаронида мешавад.

Тарҳи универсалӣ барои омӯзиш бисёр самарабахш ҳисобида мешавад, зеро он ҳам неврология ва ҳам илмҳои вобаста ба омӯзишро муттаҳид мекунад.

Донистани принсипҳои тарҳи универсалӣ, ки хонандаро бо бисьёр чизҳо таъмин мекунанд, заруранд:

<u>Принсипи 1 (роҳҳои гуногунии ҷалбкунӣ).</u> Пешниҳоди шаклҳои гуногуни ҷалб ва ҳамкории мутақобила унсури муҳими омӯзиш мебошанд. Хонандагон аз он фарқ мекунанд, ки чӣ гуна онҳо метавонанд ба омӯзиш ҷалб шаванд ё ҳавасманд бошанд. Ин ба хислатҳои шахсӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, таҷрибаи субъективӣ, донишҳои асосӣ ва як қатор омилҳои дигар вобаста аст. Баъзе хонандагон ба навоварӣ ҷалб карда мешаванд. Баъзе хонандагон аз кори мустақилона лаззат мебаранд, дигарон мехоҳанд дар гурӯҳ бо ҳамсолони худ кор кунанд ё медонанд, ки онҳо метавонанд аз калонсолон кумак гиранд. Ягон воситаи ҳамкории мутақобила вуҷуд надорад, ки барои ҳамаи хонандагон дар ҳама замина ягона бошад. Аз ин рӯ пешниҳод кардани имконоти гуногуни ҳамкорӣ муҳим аст. Яке аз ҳадафҳои ин принсип ташаккули малакаҳои худидоракунии хонандагон мебошад. Дар муҳити таълимӣ яке аз роҳҳои ҷалби таваҷҷуҳ ин муайян ва нишон додани он аст, ки дониш, маҳорат ва малакаҳои муайян барои онҳо то чӣ андоза муфид ва муҳим буда метавонанд. Омӯзгор бояд фазои мусоид фароҳам оварда, таҳдидҳои

эҳтимолиро (аз ҷумла таҳдидҳои психологӣ — тарсу ҷазо, хатогиҳо, ногаҳонӣ) коҳиш диҳад. Муҳити таълим набояд унсурҳои парешонкунанда ва аз ҳад зиёди ҳиссиётӣ, миқдори зиёди объектҳои дар як вақт пешниҳодшударо дар бар гирад. Имконияти тағйир додани суръати кор, додани танаффус, иваз кардани фаъолият ва мавқеи кориро таъмин кардан лозим аст. Эътироф намудани гуногунии хонандагон равишҳои асосии зеринро муайян мекунад:

- бо роҳҳои гуногун нишон додани маълумот;
- ба хонандагон имкон додан, ки ба масъалаҳои омӯзишӣ наздик ва он чизеро, ки медонанд, бо роҳҳои гуногун нишон диҳанд;
- пешниҳоди вариантҳое, ки хонандаро ҷалб ва онҳоро ҳавасманд мекунанд.

Принсипи 2 (роҳҳои гуногунии муаррифӣ). Пешниҳоди шаклҳои гуногуни маводи таълимӣ аз тарафи омӯзгор бо роҳҳои гуногун расонидани маълумот барои хонандагон мебошад. Хонандагон аз рӯи тарзи қабул ва дарк кардани иттилооти ба онҳо пешниҳодшуда фарқ мекунанд, далелҳо ва ҳар чизеро, ки мебинанд, мешунаванд ва мехонанд, гурӯҳбандӣ мекунанд. Барои хуб дарк кардани маълумот бо истифода аз анализаторҳои мавҷуда онро муайян ва азхуд кардан лозим аст. Омӯзиш имконнопазир аст, агар маълумот аён бошад ё дар форматҳое пешниҳод карда шавад, ки кӯшиши фавқулода ё кумакро талаб кунад. Барои кам кардани монеаҳо бояд хонандагон иттилоотро тавассути усулҳои гуногун (биниш, шунавоӣ, муоинаи ламсӣ) қабул кунанд. Воситаҳое, ки ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки онҳоро барои худ танзим кунанд, пешниҳод кардани он мувофиқи матлуб аст. Масалан, матнро метавон калон кард, тавассути хониш, расмҳо, пиктограммаҳо ва садоҳои баланд такрор кард. Матн тавассути тасвирҳо, графика, аниматсия, видео ва ё усулҳои анъанавӣ пешниҳоди иттилоот мебошанд, ки беҳтарин воситаҳо ҳисобида мешаванд. Аммо намоиши визуалӣ барои ҳама хонандагон яксон дастрас нест. Монеаҳои имконпазир тавассути истифодаи матнҳои хаттӣ ва шифоҳии ҳама тасвирҳо, графика, видео, аниматсия, сигналҳои шунавоӣ барои мафҳумҳои асосӣ, объектҳои физикӣ ва намунаҳои фазоӣ барои нишон додани дурнамо ё ҳамкорӣ бартараф карда мешаванд. Имконият додан лозим аст, ки маънои калимаю аломатҳо, дарк кардани робитаҳои бо сохти мураккаби синтаксисӣ интиқолшавандаро равшан созем; имконияти истифодабарии вариантҳои тасвири рамзӣ (расмҳо, ҳаракатҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, моделҳо, видеоҳо ва ғайра, аз ҷумла алоқаи алтернативӣ) пешбинӣ шуда, муҳим аст, ки қобилияти кушодани рамз ва аломатҳои математикӣ таъмин карда шавад. Яке аз роҳҳои муассири дастрас кардани иттилоот ин пешниҳоди маводе мебошад, ки муҳимтарин ғоя ва муносибатҳоро таъкид мекунанд. Табдил додани иттилоот ба донишҳои муфид татбиқи амалҳои мантиқӣ, стратегия ва малакаҳои коркарди иттилоотро талаб мекунад. Маводи тарҳрезишуда метавонанд дастгирӣ ва алгоритмҳои дарунсохтро

таъмин кунанд, ки омӯзгорон ва хонандагон аз ин стратегияҳо самаранок истифода баранд.

Принсипи 3 (роҳҳои гуногунии амал ва баёнкунӣ). Пешниҳоди якчанд роҳҳои амал ва нишон додани донишҳои андӯхта, ҳалли масъалаҳои омӯзишӣ банақшагирӣ, иҷро, худидоракунӣ, ислоҳот ва баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомадаро дар бар мегирад. Хонандагон бояд фаҳмиши масъулиятро барои омӯзиши худ инкишоф диҳанд, аз ин рӯ ба онҳо бояд имконият дода шавад, ки он чизеро, ки омӯхтаанд, нишон диҳанд. Пешниҳоди дониш ва малакаҳои бадастомада бояд бо шаклу воситаҳо таъмин карда шавад. Сохтани расм, диаграммаҳо, навиштани иншо, гузориш аз рӯи нақшаро хонанда бояд интихоб карда тавонад. Истифодаи принсипҳои тарҳи универсалии омӯзиш имкон медиҳад, ки бисёр мушкилоти давраҳои гузариши синусолии хонандагонро ҳал кунем.

**Ташаккули хусусиятҳои эмотсионалӣ — иродавии кӯдакони синни хурди мактабӣ.** *Эмотсия* (аз лотинӣ — ба ҳаяҷон овардан, барангехтан) — маҷмуи аксуламалҳои ҳиссие мебошад, ки дар ҷавоби хабарҳои аз ҷиҳати характер мухталифи экзогенӣ ва эндогенӣ пайдо шуда, ҳатман сабаби тағйиротҳои муайяни ҳолати физиологии организм мегардад. Эмотсия на предмет ҳодисаҳо, балки муносибати объективиро инъикос мекунад ва шакли маърифат набуда, дар шуур на образи предмету ҳодиса, балки таассуротро акс мекунад. Эмотсия ҳам ба монанди фикр ҳодисаи объективӣ буда, дорои шаклу тобишҳои мухталифанд. Бисёре аз эмотсияҳо — ҳо чунон сертобишанд (шодию ғам, ҳаловату нороҳатӣ, тарсу ғазаб, андӯҳ ва ғ.), ки номи онҳо моҳияти аслиашонро фақат қисман ифода карда метавонанд.

Одам дар ҷараёни ҳаёту фаъолияташ ба ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ гирифтор мешавад ва ин ба зуҳуроти амалу рафтори ӯ тобиши махсусе мебахшад. Дар байни ҳолатҳои гуногуни эмотсионалӣ аффект, стресс, фрустратсия, ҳолати психикӣ ва рағбатро фарқ мекунанд.

Пайдоиши ҳолати аффект ҳамеша бо вазъияту шароитҳои муҳиму ҳаёти инсон алоқаманд аст. Аффектро инчунин ангезандаҳои зӯр, аз қабили истифодаи калимаи бемаврид, таҳқир, таҳдид, рафтори номатлуби одамони дигар ба вуҷуд меоваранд. Одамоне, ки ба типи системаи асаби дар мувозинат набудаи зӯр тааллуқ доранд, бештар ба ҳолати аффект гирифтор мешаванд. Дар ҳолати аффект майдони фаъолияти шуур маҳдуд мешавад, яъне он ба доираи маҳдуду муайяни ашёву ҳодисаҳо равона мегардад. Асоси физиологии аффектро пайдоиши манбаи ҳаяҷони доминантӣ дар пӯстлохи мағзи сар ташкил медиҳад, ки ин дар қисматҳои дигари он амалҳои боздорандаро ба вуҷуд меоварад.

Одам дар ҳолати аффект фикру амдеша накарда, рафтору кирдори бенизомро содир менамояд. Дар фаъолияти узвҳои ҳиссии ӯ дигаргуниҳо ба амал меоянд ва ҳаракатҳои чолоконаи ифоданокро (мимика ва имову

ишораҳои махсус, гиря, фарёд, баъзан ҳаракатҳои беихтиёр ва ғ.) мекунад.

Одам ҳолати аффектро бе иштироки ирода аз сар мегузаронад, яъне идоранамоии иродавии он ба амал намеояд. Аффект дар наврасон одатан бештар зоҳир мешавад, чунки протсесси боздорӣ дар онҳо ба таври кофӣ ба вуҷуд намеояд. Аммо бояд қайд кард, ки дар зинаи аввали аффект идора намудани ҳолати эмотсионалӣ имконпазир аст, вале дар зинаҳои дигари он назорати иродавӣ ниҳоят душвор мешавад. Аз ин рӯ, нигоҳдошти саривақтии инкишофи аффект зарур аст. Идоранамоии аффект пеш аз ҳама ба хислатҳои ахлоқӣ ва шаклҳои устувори рафтори шахс вобаста аст, ки онҳо туфайли тарбия ва таҷриба ташаккул ёфтаанд.

Ҳолати стресс дар кӯдакон ҳангоми иҷрои корҳои махсуси санҷиши, дар рафти супоридани имтиҳонҳо ва ҳалли мақбули низоъҳои байнишахсӣ зоҳир мешавад. Дар онҳо дигаргуниҳои физиологӣ, аз қабили задани дил, тез нафас кашидан, баландшавии фишори хун ва ғайраҳо ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми стресси зӯр дар рафтори шахс бенизомӣ ба амал меояд, нутқаш номураттаб, ҳаракатҳояш номувофиқ ва диққаташ парешон мешавад. Стресси суст, баръакс, боиси фаъолӣ ва муташаккилии шахс мегардад, ба тафаккури ӯ равшанию аниқиро мебахшад.

Ҳолати стрессро идора кардан мумкин аст ва барои ин пеш аз ҳама сабабҳои конкретии онро муайян кардан зарур аст. Яке аз сабабҳои он хусусиятҳои индивидуалӣ психологии шахс, ба монанди барангезиши эмотсионалӣ, таъсирпазирӣ, худдории бад, боздошти баланд ва маҳдудии ҳаҷми диққат шуда метавонад. Бинобар ин, тез ба вазъият баҳо додан, ҳалли дурусти масъаларо пайдо кардан ва дуруст онро иҷро намудан ба таҷрибаи инфиродии шахс вобаста аст. Аз ин рӯ, шахсро мебояд, ки на танҳо ба ҳолатҳои муқаррарӣ, балки ба вазъиятҳои ногаҳонию тасодуфӣ низ омода бошад.

Одам дар ҳолати фрустратсия ба изтироби руҳию асабии сахт гирифтор мешавад, алам, ғамгинӣ ва худазобдиҳии беҳад ғро фаро мегирад. Хусусиятҳои зоҳиршавии фрустратсия ба дараҷаи пастшавии шиддати баамаломада вобаста аст. Агар шиддат паст карда нашавад, он гоҳ фрустратсия дар шароитҳои дигар боз рӯй додан мегирад. Яъне, шахс шиддати алам, хашм ва қаҳри худро тавассути ба одамони тамоман бегуноҳ равона кардан паст мекунад. Агар шахси ба фрустратсия гирифторшуда бо шароити иҷро намудани ягон кори завқовар таъмин карда шавад, он гоҳ амалҳои таҳдидомези ӯ кам ва суст шудан мегиранд.

Одам дар ҳолати психикии изтиробнок ҳамеша хавфу хатар ва нохушиҳоро интизор мешавад. Ҳолати психикӣ стеникӣ ё худ астеникӣ мешавад: фараҳбахш ва ё ғамангез, бадқаҳр ва ё ҳалимона. Ҳодисаҳои гуногун, вазъияту шароитҳои ҳаёт ва инчунин ҳолати ҷисмонии шахс метавонад ба

чигунагии кайфияти ҳоли ӯ таъсир бахшанд. Ҳолати психикӣ дар ҷараёни муошират аз як шахс ба шахси дигар мегузарад. Масалан, ҳолати психикии хуш, болида ва зиндадилонаи мураббия шавқу ҳаваси кӯдаконро баланд мекунад, идрок ва бахотиргирии маводро бештар мегардонад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба ҳолати психикии хонанда таъсир мебахшад, баҳодиҳии объективӣ ба натиҷаҳои фаъолияти ӯ ба шумор меравад.

Рағбатҳо ҳамеша одамонро фаъол мегардонанд ва тавассути ин рағбатҳо қонеъ мегарданду дар асоси он инкишоф меёбанд. Рағбат муносибати интихобии шахсро ба олам ифода мекунад. Вай на танҳо тарафи эмотсионалию иродавии шахс, балки соҳаи интеллектуалии ӯро низ тавсиф медиҳад. Рағбат равияи фикру андеша ва майлу хоҳишҳои шахсро муайян мекунад. Аз ин рӯ, роҳи ҳаёти инсон аз рағбатҳое вобаста аст, ки ӯро ба пеш мебаранд ва дар бартараф намудани ҳар гуна душвориҳо сафарбар менамоянд.

Рағбатҳо мусбӣ ва манфӣ мешаванд. Агар рағбатҳои шахс бо манфиатҳои ҷамъият мувофиқат намоянд, он гоҳ ҳамчун рағбатҳои мусбӣ баҳо дода мешаванд ва агар бо мақсадгузориҳои худпарастонаи шахс алоқаманд бошанд, он гоҳ табиати манфиро пайдо мекунанд, аз қабили рағбат ба молу пул, ба машрубот ва ғайра. Танҳо рағбатҳои мусбӣ (масалан, рағбат ба китоб, театр, илм ва ғайра) ҳаёти инсонро пурмазмун, шавқовар, зебо ва беҳтар мегардонанд, одамро ба пеш ҳидоят мекунанд ва ба ҷамъият натиҷаҳои бемислу монандро медиҳанд.

Дар фарқият аз тарс, изтироб на ҳама вақт ҳамчун ҳиссиёти манфӣ дарк карда мешавад, чунки ӯ метавонад дар шакли ҳаяҷонҳои хурсандӣ ва интизории баҳаяҷоноваранда вуҷуд дошта бошад. Кӯдаки аз ҷиҳати эмотсионалӣ носозгор дар алоқамандӣ бо сохти психологии шахсият, таҷрибаи ҳаётӣ, муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон метавонад ҳам изтироб ва ҳам тарсро аз сар гузаронад. Ҳолатҳои бенизом, безобитагии номуайян, изтироб ва тарс аз объектҳо ва фикрҳои муайян ҳисси тарсро ба вуҷуд меоваранд.

Ибтидои муттаҳидкунанда барои тарс ва изтироб ҳисси безобитагӣ аст. Ин ҳиссиёт дар он ифода меёбад, ки кӯдак ҳангоми шунидани савол худро гум мекунад, барои ҷавоб суханҳои мувофиқ намеёбад, бо овози ларзон сухан мегӯяд ва аксар вақт тамоман хомуш менишинад. Ботин сард, бадан «вазнин», дил танг мегардад. Кафи дастон тар шуда, ҳаракатҳои зиёдатӣ пайдо мешаванд ё баръакс, беҳаракат, шах шуда меистад. Ин ҳолат аз шиддатнокии аз хад зиёди функсияҳои психофизикии организм шаҳодат медиҳад. Тарсро ба синнусолӣ ва неврозӣ ҷудо мекунанд.

Тарси синнусолӣ дар кӯдакони аз ҷиҳати эмотсионалӣ ҳассос ҳамчун инъикоси хусусиятҳои инкишофи психикӣ ва шахсии онҳо дида мешавад. Он дар зери таъсири омилҳои зерин ба вуҷуд меояд: мавҷуд будани тарс дар волидайн, изтиробнокӣ дар муносибат бо кӯдак, миқдори зиёди манъкуниҳо аз тарафи волидайн, таҳдидҳои сершумори дар амал татбиқнашудаи ҳамаи

калонсолон дар оила, муносибатҳои ихтилофнок дар байни волидайн ва ғайра.

Тарси неврозӣ бо шиддатнокии баланди эмотсионалӣ тавсиф дода мешавад: таъсиррасонии номусоид ба ташаккули характер ва шахсият; алоқамандӣ бо дигар вайроншавиҳои асабӣ ва ҳиссиётҳои азсаргузаронидашуда; гурехтан аз объекти тарс, инчунин ҳамаи чизҳои нав ва номаълум; андаке мушкилӣ дар бартарафкунии тарс. Онҳо метавонанд натиҷаи аз сар гузаронидани ҳиссиётҳои давомдор ва ҳалнопазир бошанд.

Бештар кӯдаконе метарсанд, ки ҳассосанд, дар муносибат бо волидайн душвории эмотсионалиро аз сар мегузаронанд. Аз сар гузаронидани эмотсияҳо дар оила ва низоъхо дар онҳо тасаввуротро оиди худ вайрон кардааст. Чунин кӯдакон ба калонсолон ҳамчун сарчашмаи бехатарӣ, обрӯ ва муҳаббат умед намебанданд.

Дар ташаккули шахсияти бача ифодашавии ҳолатҳои эмотсионалӣ нақши муҳимро мебозад. Падару модарон ва омӯзгор муносибатҳои эмотсионалиро ба вуҷуд оварда истода, бояд ба талаботҳои зеринро риоя намоянд:

- меҳру муҳаббати худро тавассути эмотсияи мусбӣ: табассум, ҳаяҷон, рӯҳбаландӣ, ханда ифода намоянд;
- амалҳои иҷро кардаи кӯдакро назорат карда, ташаббуси ӯро дастгирӣ карда ӯро таърифу тавсиф кунанд;
- бо кӯдак оид ба он масъалахое гап зананд, ки вай ба онҳо марок зоҳир мекунад, кӯшиш намоянд, ки «гуфтугӯи эмотсионалӣ»-ро бо нигоҳ, табассум, имою ишора, нишонаҳои қаноатмандӣ, хурсандӣ, ханда, мимика ва пантомимика ва ғайраро ба вуҷуд оранд;
- ба кӯдакон кӯмак намоянд, то ин ки диққаташонро ба ашё, ҳодисаҳои олами иҳотакарда, ба амалу ҳаракатҳои парранда, ҳайвонҳои хонагӣ равона намуда, онҳоро дуруст эҳсосу идрок кунанд. Масалан, калонсолон диққати кӯдакро ба овози сагча ҷалб намуда мегӯянд: Сагча чӣ гуна овоз мебарорад? Ё ба гунҷишк ишорат карда мегӯянд: «Тӯтӣ донҳоро чӣ гуна чида мехӯрад?», «Шамол чӣ тавр шохи дарахтонро меҷумбонад?» ва ғайра.
- дар рафти сӯҳбат калонсолон ҳолатҳои эмотсионалии худро ба кӯдак нишон диҳанд (хурсанд, ғамгин, қаноатманд, норозӣ). Ҳолатҳои азсаргузаронии кӯдакро тавассути саволҳо ба хотир оварда, якҷоя таҳлил намуда, бо эмотсия ифода намоянд;
- амали назоратиро ба кӯдак ёд диҳанд ва натиҷаи фаъолияти ӯро якҷоя мураттаб созанд. Ба монанди бо ин ашё чӣ гуна амалҳоро иҷро кардан мумкин аст?

Бояд қайд кард, ки дар ифодаи ҳолатҳои эмотсионалии хонандагони хурдсол эмотсияи манфии калонсолон ва шахсони ӯро иҳотакунанда таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, норозигӣ, мондашавии муаллим дар қиёфаи ӯ ифода мешавад.

Гарчанде, ки кӯдак ба мазмуни суханони норозиёнаи муаллим сарфаҳм наравад ҳам, вале овози бошиддат, нигоҳи ғазаболуди ӯро мебинаду мешунавад, ки он баъзан боиси гиряву ғамгинии вай мегардад.

Директори расадхонаи донишгоҳи Киотои Япония Шатаро Миямо нақл мекунад: «Падарам, ки ба суруди буддоӣ мароқ дошт, ҳар бегоҳ бо рафиқонаш онро якҷоя месуруданд. Ман, ки дар хонаи ҳамшафати торик танҳо мехобидам, аз шунидани суруди дурударозу ғамангези онҳо ба даҳшат афтода, аз тарс сахт гиря мекардам. Он тарсе, ки тамоми вуҷудамро фаро гирифта буд, то кунун ҳис мекунам».

Аз ин рӯ, ба калонсолон, волидон, муаллим зарур аст, ки барои кӯдак муҳити солимро ба вуҷуд оварда, бо меҳру муҳаббат, навозиш табассум ба чеҳраи кӯдак нигоҳ карда, бо ӯ хушу гуворо ва оромана муносибат намоянд. Ҳарчӣ бештар кӯдакро гӯш карда, муносибати эмотсионалиро ба вуҷуд оранд. Зеро кӯдак мушоҳидакор, тақлидчӣ буда, ирода ва хислату характери ӯ ба ифодашавии ҳолатҳои эмотсионалӣ вобастагии калон дорад.

Мувофиқи таълимоти И. Кант эмотсия ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: стеникӣ- қувватбахш, барангезанда, ҳаракатдиҳандаи амалҳои фаъолона; астеникӣ — пахшкунанда, боздоранда, заифкунанда ва халалрасонандаи фаъолияти инсон.

Тарбияи эмотсия яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи психикии инсон маҳсуб меёбад ва онро бояд дар ду самт ташкил намуд. Дар навбати аввал, бояд ҳиссиёти олии мусбати ахлоқӣ, интеллектуалӣ ва эстетикиро ташаккул диҳем ва тавассути онҳо ҳиссиётҳои манфии барои шахс ва ҷамъият зарароварро аз байн барем. Дар навбати дуюм, бояд дар инсон маҳорати идора карда тавонистани зуҳуроти эмотсияҳоро тарбия намоем, ки он дар ҳар як фаъолияти касбӣ зарур аст.

Одам ҳамчун мавҷудияти фаъол оламиi иҳотакардаро на танҳо инъикос ва идрок менамояд, на танҳо нисбат ба он ягон хел муносибат зоҳир мекунад, балки ба таъсироти он ҷавоб мегардонад ва худаш ҳам ба олами иҳотакарда таъсир мерасонад, онро мувофиқи мақсаду талабҳои худ дигар месозад. Дар баробари ин одам фаъолияту рафтори худро идора ва назорат мекунад, аз паи мақсадҳои муайяне мешавад, онҳоро каму беш равшану аниқ мефаҳмад.

Баъзан ба мақсад расидан душвор намешавад ва аз одам кӯшиши махсусе талаб намекунад (чунин аст, масалан, мақсади шикастани ташнагӣ ҳангоми мавҷуд будани зарфи обдор, мақсади хондани китоб дар мавриди дар раф будани он ва вақти холӣ доштани худи одам). Вале аксар вақт ба мақсад расидан бо бартараф намудани душворию монеаҳо алоқаманд аст. Ин душворию монеаҳо ду хел зоҳирӣ ва ботинӣ мешавад.

Душворию монеаҳои объективӣ, ҳодисаҳои берунии халалрасонанда, зиддияти дигар одамон ва ҳоказо ба қатори душвориҳои якум тааллуқ

доранд. Ба иҷрои кори зарурӣ хоҳиши устувор надоштани одам, мавҷуд будани хоҳишҳои муқобил, фаъол набудан, пассивии одам, ҳолати психикии нофорам, одати беандеша амал кардан, танбалӣ, ҳиссиёти тарс, ҳиссиёти қалбакии худро дӯст доштан, иззати нафс ва ҳоказо мисоли душворию монеаҳои дуюм мебошанд.

Таҳлили амали иродавӣ барои ҷудо намудани як қатор сифатҳои иродавии одам, ки ҳар кадоми онҳо зуҳуроти алоҳидаи иродаро тавсиф медиҳанд, имконият медиҳад. Мақсаднокӣ, қатъият, суботкорӣ, худдорӣ, мардонагӣ, ҷасурӣ, боинтизомӣ — чунинанд сифатҳои ирода.

Боинтизомӣ ҷавлонаи ирода намебошад. Баръакс, ба қоидаҳо риоя намудан ва иҷро кардани супоришҳо иродаи одамро тараққӣ медиҳад, ӯро ба аниқ иҷро кардани вазифаҳо, ба бартараф намудани монеаҳои берунӣ ва дохилии дар роҳи мақсад шаванда одат мекунонад, ба ӯ баҳри чизи «зарур» бартараф карда тавонистани «намехоҳам» худро ёд медиҳад. Албатта, дар ин ҷо сухан дар бораи интизоми ба тарс асосёфта ва фармонбардории кӯр-кӯрона не, лекин дар бораи интизоми шуурохое меравад, ки одам ҳангоми ба он итоат кардан зарурати чунин итоаткуниро мефахмад. Интизоми хуб нишонаи аз ҳама аниқи мавҷудияти ирода мебошад.

## 3. Сохтори нақшаи намунавии фаъолияти методист/омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишҷӯён/таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ

Нақшаи 1 аз ҳисоби 16 ҳафта тибқи банди 5 Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2017 № 1/16 тасдиқ шудааст) тартиб дода шудааст.

Методист/омӯзгори мактаби базавӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён нақшаи фаъолияти якҷояи худро бо таҷрибаомӯзон таҳия намуда, ҳар рӯз қайдҳои лозимиро ба он ворид менамояд. Ин нақша ба ӯ имконият медиҳад, ки сифати раванди таҷрибаомӯзӣ доимо зери назорат ва арзёбӣ қарор дошта бошад.

## 4. Сохтори нақшаи намунавии фаъолияти методист/омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишҷӯён/таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ

Нақшаи 2 аз ҳисоби 6 ҳафта дар заминаи нақшаи таълимии донишгоҳҳое, ки дар онҳо таҷрибаомӯзии педагогӣ шаш ҳафтаи паиҳам мегузарад, тартиб дода шудааст.

Методист/омӯзгори мактаби базавӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён нақшаи фаъолияти якҷояи худро бо таҷрибаомӯзон таҳия намуда, ҳар рӯз қайдҳои лозимиро ба он ворид менамояд. Ин нақша ба ӯ имконият медиҳад, ки сифати раванди таҷрибаомӯзӣ доимо зери назорат ва арзёбӣ қарор дошта бошад.

*Нақшаи 1.*

| Ҳафта | Санаи баргузории чорабинӣ | Самтҳои асосии фаъолияти методист/омӯзгор | Чорабиниҳое, ки бо донишҷӯён гузаронида мешавад | Қайдҳо оид ба иҷроиш |
|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 1 | | | | |
| Ҳафтаи 2 | | | | |
| Ҳафтаи 3 | | | | |
| Ҳафтаи 4 | | | | |
| Ҳафтаи 5 | | | | |
| Ҳафтаи 6 | | | | |
| Ҳафтаи 7 | | | | |
| Ҳафтаи 8 | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 9 | | | | |
| Ҳафтаи 10 | | | | |
| Ҳафтаи 11 | | | | |
| Ҳафтаи 12 | | | | |
| Ҳафтаи 13 | | | | |
| Ҳафтаи 14 | | | | |
| Ҳафтаи 15 | | | | |
| Ҳафтаи 16 | | | | |

*Нақшаи 2.*

| Ҳафта | Санаи баргузори чорабинӣ | Самтҳои асосии фаъолияти методист/омӯзгор | Чорабиниҳое, ки бо донишҷӯён гузаронида мешавад | Қайдҳо оид ба иҷроиш |
|---|---|---|---|---|
| Ҳафтаи 1 | | | | |
| Ҳафтаи 2 | | | | |
| Ҳафтаи 3 | | | | |
| Ҳафтаи 4 | | | | |
| Ҳафтаи 5 | | | | |
| Ҳафтаи 6 | | | | |

# 5. Этикаи касбӣ ва муоширати педагогӣ

## 5.1. Этикаи касбӣ, қобилият ва такти педагогӣ

**Этикаи касбӣ.** Омӯзгор чун шахси боэътимоди ҷомеа бояд дорои сифатҳои беҳтарини инсонӣ бошад: ҳақгуй ва ростқавлӣ; меҳнатдустӣ; поквиҷдонӣ; хоксорӣ; ҳозирҷавобӣ; муҳаббат ба тифлон ва ба меҳнати педагогӣ; ба вуҷуд оварда тавонистани муҳити психологию ахлоқии мусбӣ дар ҷомеа; хушмуомилагӣ; тавоноии омӯзиши хусусиятҳои фард ҳар як шахс ва ғайраҳо.

*Қобилияти педагогӣ* — ин дарк карда тавонистани объекти фаъолияти худ — шахсияти инкишофёбандаи хонандагон мебошад.

**Қобилиятҳои педагогӣ**

Сифати шахсият, якҷоя ифодакунӣ ва шавқу ҳавас дар кор бо хонандагон, муҳаббат ба бачагон, қаноатмандӣ дар муносибат бо онҳо

- ташкилотчигӣ;
- дидактикӣ;
- дарккунӣ;
- пешниҳодкунӣ;
- тадқиқотӣ-илмӣ;
- маърифатӣ-эҷодӣ

*Такти педагогӣ* — ин таъсиррасонии мақсадноки омӯзгор нисбат ба шахсияти хонанда, маҳорати бароҳмонии муомилаи самарабахш.

Дар ҷараёни азхудкунии такти педагогӣ амал кардани қоидаҳои зерин муҳим аст:

- дӯстдории бача, нишон дода тавонистани муҳаббати худ нисбат ба ӯ;
- мушоҳидакорӣ, дида тавонистани сабабҳои ботинии рафтори тифлон;
- баҳо дода тавонистан ба вазъияти ба вуҷуд омада;
- суҳбат карда тавонистан бо тифлон.

Дар ташаккули такти педагогӣ азхудкунии хусусиятҳои зерин аҳамияти калон дорад: худдорӣ, ҳақгуй, худидоракунӣ, муносибати эҷодӣ нисбат ба таҷрибаи дигарон, инкишофи техникаи педагогӣ, эҳсос ва муносибати актерӣ.

Маҳорати касбии омӯзгорони навовар ва эҷодкор: муносибатҳои гуманистӣ нисбат ба шахсияти хонанда дар ҷараёни таълиму тарбия; таълими озод; ғояи мақсадҳои душвор; ғояи такя (такяҳои матнӣ, нишонавӣ); ғояи интихоби озод; ғояи пешравӣ; ғояи мувофиқати мазмун ва шакл; ғояи худтаҳлилкунӣ; муносибати фардӣ.

*Маҳорати педагогӣ* — сифатҳои шахсии омӯзгор буда, дараҷаи баланди худташкилкунӣ ва фаъолияти касбии педагогии ӯро таъмин менамояд.

**Этикаи педагогӣ.** Этикаи педагогӣ илми ахлоқу одоби омӯзгор аст. Омӯзгори замон дар ҳар гуна вазъият, дар ҳама ҷо бояду шояд ба он риоя

кунад, то ки шогирдон аз ӯ наҳаросанд, ҳамчун дӯсти мунису ғамхорашон бидонанд. Дар чунин муносибат бо ҳар восила омӯзгор метавонад аз олами ботини шогирдон огоҳӣ пайдо кунад, қобилияту майли ниҳони ононро дарёбад.

Роҳҳои баланд бардоштани маҳорати ахлоқи педагогӣ пеш аз ҳама ба худомӯзии омӯзгор вобаста аст. Ҳамон вақт омӯзгор дорои этикаи педагогӣ мегардад, ки ба фаъолияти педагогӣ шуурона муносибат намояд ва қонуниятҳои инкишофи ҷамъиятӣ маънавиро дарк намояд.

Одоби омӯзгор ба принсипҳои ахлоқи умумиинсонӣ асос ёфтааст. Олами ниҳонии хонандагонро дарк карда, таъсири мусбат расонидан ҷиҳати муҳими одоби муошират аст.

## 5.2. Муошырати педагогӣ ва сохтори он

Муошират ин раванди мураккабу гуногунҷабҳаи барқароркунӣ ва вусъатдиҳии робитаи байни ҳамдигарии одамон буда, дар асоси хоҳиши фаъолияти якҷоя доштани онҳо ба вуҷуд омадааст у мубодилаи афкор, ҳамкорӣ ва дарки ҳамдигарро дар бар мегирад.

Муошират дар ташаккул додани зеҳну ақли инсон нақши муҳим мебозад. Муошират қувваи пешбарандаи ҷамъияти инсонӣ буда, барои фароҳам овардани ҷамъияти солим ва ташаккули шахсияти комил нақши муҳим зарурро мебозад.

*Муошират* — ин ҳамкориест, ки дар асоси талаботи одам ба одам қарор мегирад.

Олими маъруфи англис У. М. Риверс таъкид менамояд, ки омӯзгор бояд бо ҳисси фаҳмишу таҳаммул дар хонандагон эътимоду бовариро ба неруву имконияташон бедор намояд. Ӯ бояд ба ҳолати эмотсионалии хонандагон, аломатҳои асабоният ва парешонхотирии онҳо, нишонаҳои бесаранҷомӣ ва ҳатто хусумат ба фан ҳассос бошад, барои бартараф намудани ин зуҳуроти номатлуби изтироби руҳӣ ба зудӣ чораҳо андешад.

Ҳамчунин, омӯзгор бояд ба муносибатҳои байни хонандагони синф диққат дода, барои фароҳам овардани вазъияти озоду бетакаллуфи суҳбат кӯшиш намояд.

Ба ақидаи олимон танҳо муносибатҳои ба эътимоду боварӣ асосёфтаи омӯзгор бо синф, хонандагон бо якдигар, ҳамчунин ҳолати тавозуну оромӣ зимни пурра бо кор машғул будани хонандагон барои омӯхтани забони хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар ин замина, олими булғорӣ Г. Л. Лозанов натиҷаву комёбиҳои назаррасро дар таҳқиқоти хеш ба даст овардааст. Ба ӯ муяссар гардид, ки муаррифии нисбатан пурраи низоми воситаҳоеро, ки барои бунёди фазои мусбати эмотсионалии муошират дар дарсҳо мусоидат менамоянд, анҷом диҳад.

Муошират педагогии омӯзгор бо хонандагон бо назардошти хусусиятҳои зикршудаи фаъолияти касбии ӯ ба миён меояд.

**Сохтори муошират.** Барои дарк кардани муошират сохти онро донистан зарур аст. Сохти муоширатро ба воситаи се вазифаи ба ҳам алоқаманди он шарҳ медиҳанд: *комуникативӣ, интерактивӣ* ва *перспективӣ.*

Моҳияти вазифаи коммуникативиро мубодилаи ахбор, ба ҳамдигар доду гирифти намудани маълумот (маҷмуи тасаввурот, ақида, шавқу ҳавас, ҳолати руҳӣ, ҳиссиёт ва мақсадгузориҳои муошируткунандагон) ташкил медиҳад.

Моҳияти вазифаи интерактивӣ муошират бошад ташкили ҳамкории байни ҳамдигари дар бар мегирад. Яъне дар ҷараёни муошират натанҳо додугирифти донишҳо, ақидаҳо балки додугирифти амалҳо низ ба вуҷуд меояд.

Моҳияти вазифаи персептивӣ бошад, маънои идроки байниҳамдигарии муошираткунандагон ва ё худ ҳамдигарфаҳмиро дорад.

Мазмуни муоширатро додугирифти афкор, ахбор, дониш, маҳорат, малака, таҷриба ва ғайра ташкил медиҳанд. Чунин усулҳои таъсиррасони ба ҳамсуҳбат мавҷуданд: сирояткунӣ, мутаъсирнамоӣ, боварикунонӣ, талқин.

Сирояткунӣ- ин ба таври беихтиёр ба ҳолати муайяни психикӣ гирифтор намудани одам мебошад. Мисол, кафкубиҳои бардавоми мухлисон боиси масрурӣ ва фараҳмандии руҳии сароянда мегардад.

Мутаъсирнамоӣ- ин таъсиррасонии мақсадноки як шахс ба шахси дигар мебошад. Нотиқ дар ҷараёни он тавассути таъсиррасониҳои ҳиссиётӣ ва иродавӣ дар шунавандаи худ ҳисси ҳамдардиро ба вуҷуд оварда, масъаларо ба фоидаи худ ҳал менамояд. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки кӯдакон ва пиронсолон, шахсони ҷисман заифу хасташуда бештар ба ин ҳолат гирифтор мешаванд. Ҳар қадаре, ки дараҷаи шуурнокии шахс баланд бошад, ӯ ҳамон қадар камтар ба ин ҳолат гирифтор мегардад. Мутаъсиршавии одамон аз баландмартабагии шахсияти таъсиррасон низ вобаста аст.

Боварикунонӣ бо ёрии асосноккунониҳои мантиқӣ ба даст овардани ризоияти шунаванда, доир ба ин ё он масъала мебошад.

*Талқин* — ба воситаи далелҳои аз ҷониби аксарияти қабулшуда, барои иҷрои амале ё коре равона кардани шунаванда мебошад. Вазифаҳои муошират инҳоянд:

- иттилоотӣ-робитавӣ (қабул ва интиқоли иттилоот);
- танзимӣ-робитавӣ (ташкили таъсири дутарафаи одамон дар фаъолияти муштараки онҳо);
- таъсир бахшидан ба соҳаҳои эмотсияҳои ҳамсуҳбат;
- худифодакунии ҳолати эмотсионалӣ одамон.

Ҳамин тариқ, соҳиб будани омӯзгор ба маданияти муошират ҳамчун нишондиҳандаи иқтидори баланди касбӣ маҳсуб мешавад. Маҳорати гӯш кардан, бо диққат будан, фаҳмидани ҳолати гӯянда салоҳияти муҳимтарини касбии омӯзгор мебошад.

**Маданияти муошрати педагогӣ. Усулҳои муошрати педагогӣ.** Муошрати педагогӣ дар ташаккулу такомули маҳорати педагогии омӯзгорон аҳамияти калон дорад. Маҳорати муошрати педагогӣ имкон медиҳад, ки омӯзгор хусусиятҳои психологии хонандагонро ба инобат гирифта, мувофиқи зуҳуроти протсесҳои психикӣ шароит фароҳам орад ва онҳоро ба иҷрои вазифаҳои муайян равона созад.

Одоби муошрати педагогӣ: риояти омӯзгор ба меъёри қоидаҳои муносибат нисбати шогирдон ва волидайни онҳо ва интихоби роҳи дурусти муомилот ба онҳо дар мавридҳои гуногуни раванди таълиму тарбия.

Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳти муошрати педагогӣ одатан муошрати касбии устоду шогирдон дар ҷараёни таълиму тарбия дар назар дошта мешавад, ки вазифаи муайяни педагогиро доро буда, ба пайдо намудани муҳити солими педагогӣ равона карда шудааст ва фаъолияти таълимиро беҳтар намуда, муносибати омӯзгор ва хонандаро низ хубтар менамояд (Леонтев А. А.).

Одоби муошрати педагогӣ тақозо мекунад, ки ҳангоми муомила бо мусоҳиб бояд қабл аз баёни нуқсону камбудиҳо ҷиҳатҳои мусбати он шахс ҳатман зикр карда шавад, то ки беғаразии омӯзгор аз ҷониби тарафайн ҳис карда шавад.

Хусусан ҳангоми муошрат аз омӯзгор пуртоқатӣ, сабру таҳаммул тақозо мегардад.

Тазаккур мебояд, ки дар муошрат сабру таҳаммул мавқеи хосро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз омӯзгоре, ноили комёбиҳо мегардад, агар фаъолияти худро зимни нақшаи мушаххас мунтазам пеш барад. Зеро тарбия кори тӯлонӣ ва мушкил буда, аз омӯзгор пурсабрӣ ва моҳирона муомилакуниро талаб мекунад.

На бояд фаромӯш кард, ки эҳтироми шахсияти шогирд дар маркази фаъолияти педагогӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар фасли «Натиҷагирӣ аз консепсияи миллии маълумот» омадааст: «Тарбия бо мазмуни таълим ҳамгирой ва пайвандии ногусастанӣ пайдо карда, гуманизм-дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай- ҳадафи асосии тарбия қарор мегардад».

**Маърифати муошрат дар фаъолияти омӯзгорӣ.** Дар марҳилаи ҳозира давраи тараққиёти бемайлони ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии кишвар муаммои тарбияи маърифати муошратро ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ба миён мегузорад, ки ҳалли он барои рушди ҷамъият ва онро ба сатҳи нави сифати баланди инкишоф баровардан шароит фароҳам меоварад.

*Маърифати муошрат* — ин низоми меъёрҳо, шартҳо ва қоидаҳои муошрат, инчунин технологияи иҷро кардани он мебошад, ки онро иттиҳоди одамон бо мақсади муносиб кардан ва баҳри самараи баланди ҳамкории коммуникативӣ кор карда баромадаанд. Маърифати муошрат донистан,

фаҳмидан ва риоя кардани чунин меъёрҳои муошırати байнишахсиро дар назар дорад, ки онҳо:

- ба муносибати инсондӯстона ба манфиатҳо, ҳуқуқҳо ва озодиҳои шахсият ҷавобгӯ ҳастанд;
- дар иттиҳоди мазкур ҳамчун «дастур барои амалӣ кардан» қабул шудаанд;
- ба фикр ва ақидаҳои худи шахсият мухолиф нестанд;
- тайёрӣ ба маҳорати риоя кардани ин меъёрҳоро дар назар доранд.

Омӯзгор бояд ба он тайёр бошад, ки ин шартҳо на ҳама вақт дар воқеъият вуҷуд доранд, алалхусус ҳамааш якбора, дар маҷмуъ. Дар ҷомеа метавонанд меъёрҳои муошırате қабул шаванд, ки хислати бадбинӣ доранд ё манфиатҳои одамро инкор кунанд; ё, масалан, меъёрҳои инсонпарваронаи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшуда метавонанд аз тарафи фарди мушаххас (ё гурӯҳи одамон) поймол карда шаванд, чунки вай онҳоро намефаҳмад ва қабул надорад; ё фард ин меъёрҳоро қабул мекунад, аммо онҳоро риоя карда наметавонад ва ғайраҳо. Дар ҳамин маврид нақши омӯзгор зоҳир мегардад, фаҳмонидани моҳияти онҳо, нишон додани зарурияти онҳо на танҳо барои ҷамъият, балки ба худи фард, ниҳоят, танҳо омӯзонидани онҳо.

Маърифати муошират тавассути амали якҷояи омилҳои зиёд таъмин карда мешавад: ахлоқӣ, равоншиносӣ, иҷтимоии маданӣ, (технологӣ).

Маърифати ахлоқии ин ё он ҷамъият дар маҷмуъ ё шахсиятҳои алоҳида дар сатҳи муайяншудаи идроки маънавии онҳо, хусусиятҳои хоси муносибатҳои ахлоқӣ бо атрофиён, хусусиятҳои рафтор ва муошират зуҳур меёбад.

Нишонаҳои асосии маърифати ахлоқии шахсият дар муошират инҳоанд:

- муносибати эҳтиромона бо ҳамкор, таҳаммул, хушмуомилагӣ, муносибати эҳтиёткорона бо сухан, ки метавонад одамро озурда намояд;
- возеҳии мақсадҳои муошират, тайёрӣ барои фаҳмидан, баҳо додан ва қабул кардани мулоҳизаҳои ҳамсуҳбат;
- худтакмилдиҳии доимӣ, омода кардани худ ба муошират;
- риоя кардани шарти таҳаммулпазирӣ, ки он боварии тарафайнро ба миён оварда, барои огоҳ кардан кумак мекунад ва вазъиятҳои муноқишавиро бартараф месозад.

Дар фаъолияти омӯзгорӣ воситаи ягонаи амаликунии он муошират мебошад.

**Қоидаҳои маданияти муошırати педагогӣ. Меъёр ва нишонаҳои омодагии омӯзгор ба муошırати педагогӣ.** Қисмати равандӣ шинохти сохтори муошırати педагогӣ ва азхуд кардани маҳоратҳои умумиомӯзгорӣ ва иҷтимоӣ-педагогиро барои татбиқи муошırати педагогӣ, инчунин дар даст доштани воситаҳои муошırати педагогиро дар назар дорад.

Сатҳи омодагии омӯзгори ояндаро ба муошırати педагогӣ тибқи меъёрҳо ва нишонаҳои зерин муайян намудан мумкин аст:

1) Дарки аҳамияти муошırати педагогӣ дар раванди таълиму тарбия:

- Шавқи касбӣ ба фаъолияти педагогӣ, муносибати инсонпарварона доштан ба бачаҳо;
- Дарк кардани зарурати муошırати иштироккунандагони раванди педагогӣ;
- Дарки услуби фардии муошират бо бачаҳо, хушсуҳбатӣ ҳамчун сифатҳои баланди арзишманди касбӣ.

2) Моҳияти раванди педагогиро ҳамчун объекти фаъолияти касбӣ донистан:
- Фаҳмидани моҳият, хусусият, қисмат ва механизмҳои тарбияи раванди педагогӣ;
- Муаррифии муошират ҳамчун намуди фаъолияти махсус;
- Донистани нақш, вазифа ва моҳияти муошират дар раванди педагогӣ;
- Фаҳмидани хусусияти хоси муошırати педагогӣ дар таълими ибтидоӣ;
- Дарки нақши худ дар муошırати педагогӣ.

3) Маҳорат ва малакаи муошırати педагогӣ доштан:
- Маҳорати созмон додани муошırати бевосита бо аҳли синф, бо хонандагони алоҳида, бо хонандагони алоҳида дар байни онҳо;
- Маҳорати идора кардани муошират дар раванди педагогии инкишофёбанда;
- Маҳорати таҳлил кардани низоми муошırати амалишуда ва тарҳсозии низоми муошират оид ба фаъолияти минбаъда.

4) Дар ихтиёр доштани воситаҳои муошırати педагогӣ.
- Воситаҳои нутқӣ ва воситаҳои ғайринутқӣ.

Интихоби услуб ва оҳанг дар муошират идора кардани диққат ва фаъолияти хонандагон.Маҳорати таъсир расонида тавонистан ба атрофиён тавассути тобиши овоз, тарзи рафтор, сару либос, симои зоҳирӣ, ҳаракатҳо, нигоҳ, тарзи роҳ гаштан… Қайд кардан бамаврид аст, ки самаранок гаштани фаъолияти таълим аз ҷорӣ кардани технологияи навини педагогӣ ва истифодаи методу усулҳои самаранок дар раванди таълим вобаста аст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳама давру замонҳо онҳое, ки пешаи омӯзгориро муқаддас медонанд ва худро омӯзгори ҳақиқӣ меҳисобанд, ҳамеша бо мақсади самаранок гаштани фаъолияти таълим, пурсамар аз худ кардани маводи омӯзиш ва пешравии хонандагон дар омӯзиш ҳамчун омӯзгорони пажӯҳишгар ва навовару эҷодкор методҳо, воситаҳо ва усулҳои самараноки таълиму омӯзишро ҷустуҷӯ менамуданд.

Ин гуна омӯзгорон ниҳоят фаъолу соҳиби иродаи қавӣ буда, нисбат ба худ серхонанданд ва дар пешаи омӯзгорӣ мавқеи устувор доранд. Онҳо ҳамеша раванди таълимро таҳлил карда, фаъолияти худ ва шогирдонашонро дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс таҳти назорат қарор медиҳанд ва тибқи он нақшаи амалиёташонро барои оянда муқаррар мекунад.

Бояд зикр кард, ки таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудан ба фаъолияти хеш натиҷаи баланд бардоштани сатҳи маърифати касбии омӯзгорон хоҳад гашт.

Моҳияти муошırати касбӣ-педагогӣ дар он зоҳир мегардад, ки он шарти зарурии амаликунии раванди яклухти педагогӣ буда, воситаи асосии ташаккули шахсияти хонанда мебошад.

## Адабиёт


1. Абдурахимов Қ.С., Гулов А. С., Ҳалимов З. М. Таҷрибаи педагогӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ. — Қӯрғонтеппа, 2017.
2. Роҳнамои омӯзгор оид ба арзёбии ташакулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш. Душанбе, 2019.
3. Роҳнамои омӯзгор оид ба Таҳсилоти Фарогир, — ЮНИСЕФ, 2019.
4. Н. П. Ячина, А. А. Литвин. Учебная практика. Учебно-ознакомительная практика. Методическое пособие для студентов. — Казань, 2018.
5. Дневник педагогической практики (3-редакция)// Бакова К. Ж., Фурсова Т. А., Гречко Е. М., Знаменская Н. А./ под общей редакцией Гречко Е. М.— Б: 2015.
6. Раҳмонова Д.З., Қаюмова О Раҳнамои таҷрибаомӯз. — Хуҷанд, Меъроҷ, 2013.
7. Абдураҳимов Қ.С., Гулов А. С. Таҷрибаомӯзии педагогӣ. Дастури методӣ. Душанбе, 2012
8. Э. Шарифов, Х. Сабуров. Таҷрибаомӯзони ҷавон. — Хуҷанд, 2011.
9. Абдураҳимов Қ. С., Раҷабов Х., Гулов А. С. Тавсияҳои методӣ оид ба таҷрибаи омӯзгорӣ. — Душанбе, 2009.
10. Тихомирова В. Т., Садвакасова З. М., Мукашева А. Б., Сатыбалдина Н. Педагогическая практика студентов в школе. — Республика Казахстан, Алматы, 2006.
11. Алиев С. Омӯхтани психологияи талабагон.— Душанбе: «Маориф», 1985.
12. Барномаи таҷрибаи омӯзгорӣ барои донишҷӯёни факултаҳои омӯзгории донишгоҳ. Дар зери тахр. А. Паҳлавонов. Қӯрғонтеппа, 2005.
13. Зиёев М., Мирзоматов Н., Олимова Ф., Тошбоева З. Усулҳои ҳамкорӣ дар таълим. — Душанбе, 2010.
14. Педагогическая практика. Под ред. В. К. Розова. — М., 1991.
15. Сафин Д. В., Мусина Р., Гулов А. ва диг. Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон. — Душанбе, 2010.
16. Шарифов Ҷ., Раҷабов Х. Тавсияҳо дойр ба таҷрибаомӯзии педагогӣ. — Қӯрғонтеппа, 2007.
17. Лутфуллоев М., Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. — Душанбе, 2007.

# Мундариҷа

Пешгуфтор ........ 3

1. Таҷрибаи педагогӣ дар низоми омодагии омӯзгор
   - 1.1. Моҳият ва вазифаҳои таҷрибаи педагогӣ ........ 5
   - 1.2. Ташкили корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бо хонандагон дар таҷрибаи педагогӣ ........ 5
   - 1.3. Муносибатҳои кӯдакон ва малакаҳои иҷтимоӣ ........ 6
   - 1.4. Омӯхтани шахсияти хонандагон ба мақсади дуруст ташкил намудани раванди таълиму тарбия ........ 8
   - 1.5. Хусусиятҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ........ 10
   - 1.6. Хусусиятҳои психологии хонандагони синни хурди мактабӣ ........ 12
2. Муҳтавои таҷрибаомӯзии педагогӣ ........ 15
3. Вазифаи асосии методист/омӯзгорӣ синфҳои ибтидоии мактаби базавӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён ........ 15
4. Уҳдадориҳои маъмурият ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён ........ 17
5. Вазифаҳои масъулини таҷрибаомӯзии донишҷӯён
   - 5.1. Вазифаи методисти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ аз рӯи ихтисос ........ 19
   - 5.2. Вазифаи методисти фанни педагогика ........ 20
   - 5.3. Вазифаи методисти фанни психология ........ 21
6. Арзёбии ҷараён ва натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ........ 22

З а м и м а

1. Иқтибос аз Низомномаи таҷрибаомӯзии педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 23
2. Асосҳои назариявии бунёди муҳити мусоиди таълим ва омӯзиш дар раванди таҷрибаомӯзии донишҷӯён ........ 26
3. Сохтори нақшаи намунавии фаъолияти методист/омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишҷӯён/таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ ........ 37
4. Сохтори нақшаи намунавии фаъолияти методист/омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишҷӯён/таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ ........ 37
5. Этикаи касбӣ ва муоширати педагогӣ ........ 41

Адабиёт ........ 47

Маводи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии самти омӯзгорӣ дастрас мешавад. Мазмун ва мундариҷаи мавод маҳсули фикри муаллифон буда, метавонад ба нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Ба чоп 21.12.2023 иҷозат дода шуд. Андозаи 60×84/8. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 6. Адади нашр 140 нусха. Дар матбааи ҶДММ «Контраст» чоп шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11 «Г».